**Бо ҳуқуқи дастнавис**

УДК 329.78–323.22/.28

**МИРАЛИЁН ҚИЁМИДДИН АБДУСАЛИМЗОДА**

# ВИЖАГИҲО (МАХСУСИЯТҲО) ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РУШДИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо
ва технологияи сиёсӣ

# АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти**
**дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ**

Душанбе - 2018

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст

**Машваратчии илмӣ**: **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз,** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муққаризони расмӣ:** **Нигматуллина Танзиля Алтафовна,** доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, директор; мудири кафедраи сиёсатшиносӣ, таърих, назарияи давлат ва ҳуқуқи Институти технологияҳои иҷтимоии (филиал дар) Бошқирдистон Муассисаи таҳсилоти олии иттифкҳои касабаи «Академияи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ», ш. Уфа, Федератсияи Россия

**Набиев Ваҳоб Маршафович,** доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи Ватани Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

**Абдуллоев Маҳмуд Холович,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърих, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

**Ташкилоти пешбар**: **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия 6 июли соли 2018, соати 10:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33 дар толори Шӯрои илмӣ баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» __________ с. 2018 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ Ҳайдаров Р.

# МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

**Аҳамиятнокии мавзӯи таҳқиқот.** Дар илми сиёсӣ масъалагузории моҳият, рисолат ва таъсирнокии сиёсати ҷавонон нав, аммо дар як вақт заминагузор ва ояндадор мебошад. Таъминоти назариявӣ, муназзамгардонии муносибатҳо ва ниҳодисозии сиёсати ҷавонон дар ҷараёни ташаккулёбӣ қарор дорад, зимнан, таҳқиқи шаклҳои гуногун ва технологияҳои рушд, устувории бонизом, сохтории идорӣ ва илмии методологии он тақозо мегардад.

Аҳамиятнокии рушди сиёсати ҷавонон аз нақш ва эътирофнокии он дар давлатдории муосири Тоҷикистон бармеояд. Сиёсати давлатии ҷавонон дар рушди иҷтимоии давлат ҳамчун соҳаи афзалиятнок муқаррар гардидааст. Вобаста ба ин муқаррарот: *Мо ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардаем,* – иброз мекунанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013[1].

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мушкилоти ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон аҳамияти хосса зоҳир менамоянд, бахусус ба рушди устувори онҳо, ки бар талаботи ҷомеаи муосир асос меёбад[2]. То имрӯз 7 мулоқоти расмии Президенти ҷумҳурӣ бо намояндагони ҷавонон доир гардидаанд, ки дар натиҷаи ҳар кадоми онҳо тадбирҳои зиёд дар самти беҳсозии вазъи иҷтимоии иқтисодии ҷавонон ва ташаккулдиҳии асосҳои рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон андешида шудаанд.

Ҳамчунин, дар доираи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат соли 2017-ро Соли ҷавонон эълон мекунад. Дар ҳамин ҷо иброз мекунанд, ки *«Амалисозии босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои аввали истиқлолият дар меҳвари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад»*[3].

---

[1] Выступления Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на встрече с представителями молодежи республики 23 мая 2013 года [Манбаи электронӣ] – Душанбе: 2013. - Режим доступа: http://president.tj/node/4438

[2] См.: Рахмонов, Э. Созидатели будущего Таджикистана [Матн] / Э. Рахмонов - Душанбе: Ирфон, 1997.; Рахмонов, Э. Любите, уважайте и защищайте свою Родину: Выступление Президента Республики Таджикистан на встрече с представителями молодежи республики, 21 мая 2005 [Матн] / Э. Рахмонов – Душанбе: Деваштич, 2005.; Рахмонов, Э. Молодеж. - будущее общества [Матн] / Э. Рахмонов – Душанбе: Ирфон, 1998.; Рахмон Э. Молодеж. – созидатели будущего общества [Матн] / Э. Рахмон - Душанбе: Деваштич, 2008.; Рахмон, Э. Молодеж. – творческий и созидател.ный потентсиал страны: Выступление Президента Республики Таджикистан на встрече с представителями молодежи республики, 23 мая 2013 [Матн] / Э. Рахмон – Душанбе: Омузгор, 2013.

[3] Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера натсии Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан [Манбаи электронӣ] – Душанбе, 2016. – Режим доступа: http://president.tj/ru/node/13747

Аҳамиятнокии рушди сиёсати ҷавонон ҳамчунин, ба эътироф-гардии он дар сатҳи байналмилалӣ ба сифати ниҳоди фаъоли ҷара-ёнҳои сиёсӣ асос меёбад.

Ҳанӯз соли 1965 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ Эъломия «Дар бораи дар миёни ҷавонон паҳн намудани идеалҳои сулҳ, эҳтироми мутақобила ва ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо» қабул гардида буд, ки асосан хусусияти тарбиявӣ дошта, ҷавононро ба сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ даъват менамуд, ки дар навбати худ, бар тазоҳуроти оммавии ҷавонон дар солҳои 60-ум асос меёбад. Дар соли 1998 аз ҷониби ҳамин ташкилоти байналмилалӣ Декларатсияи (Лиссабонӣ) оид ба сиёсати ҷавонон ва барномаи ҷавонон қабул мегарад, ки 8 самтро бо дарназардошти ташаккулдиҳии сиёсати ҷавонон дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон фаро мегирад. Мувофиқан ин муносибат аҳамиятнокӣ ва зарурати омӯзиши сиёсати мазкурро, аз ҷумла таҳияи тадбирҳо ва технологияҳоро оид ба ташаккулдиҳии асосҳои ниҳодисозӣ, илмии технологӣ ва таҷрибавӣ (эмпирикӣ) баланд мебардорад[1].

Ҳамчунин, дар сатҳи кишварҳои ИДМ Созишномаи давлатҳои иштирокчии ИДМ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон қабул мегардад, ки аз эътироф, нақш ва иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа бармеояд, зимнан, ин муносибат аҳамиятнокии рушди сиёсати давлатии ҷавононро дар шароити дигаргунсозии демократии ҷомеа баланд мебардорад[2].

Ҳамин тариқ, дар шароити таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои ҷавонон, эътироф гардидани сиёсати ҷавонон дар сатҳи байналмилалӣ ва ИДМ зарурати омӯзиши (таҳқиқи) бунёдӣ ва коркарди тадбирҳои муосир, механизмҳо ва технологияҳои беҳтар намудани вазъи ҷавонон ва рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон ба вуқуъ меояд. Вазифаи асосии илмии сиёсати давлатии ҷавонон – ин омӯзиши (таҳқиқи) назариявии методологӣ ва таҷрибавии (эмпирикии) вазъи ҷавонон ба сифати субъекти асосӣ (ҳамзамон объект) ва равонасозии онҳо ба ҳамоҳангсозии (беҳтаргардонии) муносибатҳо дар ҷомеа мебошад[3].

Зарурати омӯзиши ҷавонон ба сифати субъекти илм ба якчанд вижагиҳои табиӣ, демографӣ, физиологӣ, психологӣ ва гуманистӣ, ба монанди ҷавонӣ, оммавият, пурҳаракатӣ, пурқувватӣ, чандирият, потенсилӣ, захиравӣ ва ғайра асос меёбад.

---

[1] Манко, Ю. В. Сотсиология молодежи: учебное пособие [Матн] / Ю. В. Ман.ко, М. Оганян. - СПб.: Петрополис, 2008. - 316 с.

[2] О сотрудничестве в сфере работы с молодеж.ю: Соглашение государств-участников СНГ от 25.11.2005 [Манбаи электронӣ] – Минск: 2012. – Режим доступа: http://cis.minsk.by/reestr/ru/Reestr.html#reestr/view/text?doc=3044

[3] Миралиён К. А. Молодежная политика: на примере Таджикистана [Матн] / К. А. Миралиён. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2016. – 574 с.

Имрӯз беш аз 50% аҳолии рӯйи ҷаҳонро шахсони то 30 сола, яъне шахсони ҷавон ташкил медиҳанд[1], ки дар навбати худ аҳамиятнокӣ ва арзишмандии нақши ҷавонон ва сиёсати ҷавононро дар сатҳи рушди ҷаҳонӣ инъикос менамояд.

Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаҳои демографӣ дар байни тамоми кишварҳои ҷаҳон аз ҳама ҷавонтарин мебошад, ки синни миёнаи аҳолӣ ба 25,9 сол расида, 70% аҳолиро шахсони ҷавон, ҳамзамон ҷавонон (14–30 сола) ҳамчун захираи меҳнатии ҷумҳурӣ 32,9% аҳолиро ташкил медиҳанд[2].

Ҳамин тариқ, ҷавонон ва сиёсати ҷавонон ҳар рӯз такони нав касб намуда, дар шароити ҷомеаи муосир бештар талабот/талабгор пайдо мекунанд. Дар ҳолати имрӯза дар қисми зиёди кишварҳо аллакай сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул ёфтаанд. Бисёр олимон ва муассисаҳои таҳқиқотӣ онҳоро меомӯзанд, то ин ки технологияҳои мувофиқи мутақобилан судманди ба рушди ҷавонон ҳамчун қисмати ҷамъияти илмӣ ва ҷомеаи фаъол, инчунин таҳкими сиёсати давлатӣ нисбат ба онҳо равонагардида пайдо карда шаванд.

**Дараҷаи коркардшудаи илмии проблема**

Ҷавонон – ин гурӯҳи низомофар ва иҷтимоию демографиест, ки қисми серҳаракати эҷодӣ ва осебпазири аҳолиро ташкил медиҳанд. Шахси ҷавон нерӯи зиёд дорад ва қобилияти зудмутобиқшавӣ ба шароити ҷомеа ва табдилёбиро ба равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ соҳиб мебошад.

Омӯзиши ҷавонон ҳамчун объект, ҳамзамон субъекти илм ҳанӯз аз аввалҳои асри XX оғоз гардидааст. Дар ин давра аз ҷониби олими амрикоӣ Стэнли Холм назарияи фанҳои психологӣ, антропологӣ ва сотсиологии ҷавонон таълиф гардида буд[3].

Дар даҳсолаҳои ахир доираи омӯзиши масъалаҳои ҷавонон васеъ гардида, ба мавзӯи таҳқиқоти илмҳои гуногуни гуманитарӣ, ба монанди психология, педагогика, сотсиология, демография, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, таърих ва ғайра табдил мeёбад.

Олимонро усулҳои гуногуни омӯзиши мавзуъ, ҳамчунин анъанаҳои тасниф дар мактабҳои муайяни илмӣ ташаккулёфта ҷудо месозад. Омилҳои идеологӣ низ нақши муҳим мебозанд, зеро ҷавонон дар марҳилаи ҳасоси муборизаи сиёсӣ қарор доранд.

---

[1] Frisch, P. Youth full cities [Манбаи электронӣ] / P. Frisch. – London: 2015. - Режим доступа: http://www.youthpolicy.org/blog/youth-research-knowledge/cities-are-definitely-full-of-youth-but-are-they-youthful/#FN1

[2] Статистический ежегодник Республики Таджикистан [Матн]: Статистический сборник / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе: УОП ГВТС, 2017. – 480 с.

[3] Stanley, G. Youth its Education, Regimen, and Hygiene [Матн] / G. Stanley Hall. - New Zeeland: Clark University, 1904. – pp. 168

Аксарияти олимон, ба сифати нишонаҳои муҳими гурӯҳбандии ҷавонон, вижагиҳои синнусолӣ ва асосҳои вазъи иҷтимоии ба онҳо робитадоштаро, ки ба ин ва ё он рукнҳои иҷтимоии психологӣ вобастагӣ дорад, эътироф намудаанд.

Олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ, ба монанди Боенко Н. М., Григор.ева Р., Илинский И. М., Михайлова М. В., Митева П., Нехаева В. В., Новикова Т., Радионова В. А., Раҳимов И. Х., Икромов Ғ. Х., Тураева З. Н., Ҳоидбоев Ф. А. ва диг. ҷавононро ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ мавзӯи таҳқиқоти худ қарор додаанд, ки чандин маротиба ба зарурати омӯзиши амиқи ин гурӯҳ ба сифати василаи сифатӣ ва миқдорӣ дар самти беҳгардонии вазъи иҷтимоӣ ва рушди ҷомеаи муосир таъкид кардаанд.

Тибқи назари В. Т. Лисовский ҷавонон – ин насли одамонест дар марҳалаи иҷтимоишавӣ ва азхудкунӣ, дар синну соли болотар бошад, аллакай азхудкардаи вазифаҳои иҷтимоии таълимӣ, касбӣ, фарҳангӣ ва ғ.; вобаста ба шароити мушаххаси таърихӣ нишондиҳандаҳои синнусолии ҷавонон метавонанд аз 16 то 30-солагӣ тағйир ёбанд[1].

Дар ҳақиқат, ҷавонон қисми ҷудонашавандаи дигаргуниҳои иҷтимоии ҷомеа буда, қувваи бузург ва иқтидори (нерӯи) навоварро, ки барои ташаккулёбии дилхоҳ шакли давлатдорӣ зарур мебошад, ташкил медиҳанд. Бинобар ин, ин захираро мебояд бисёр боэҳтиёт ва самаранок истифода намуд.

Илми хосе, ки дар шароити омӯзиши гуногунҷабҳаи мушкилоти шахсиятҳои ҷавон дар муҳити илм ҳамчун соҳаи нави дониши маҷмӯии байнифаннӣ – илм дар бораи наврасӣ, ҷавонон (juventilis – лот.: ҷавонӣ, наврасӣ; logos – дониш)[2] ба омӯзиши амиқи ҷавонон ва масъалаҳои ҷавонон машғул гардидааст, ин ювенология мебошад.

Ювенология ба дониши байнифаннӣ оид ба раванди рушди насли наврас дар робитаҳои иҷтимоии иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва физиологӣ, ки ташаккулёбии комили шахсиятро таъмин менамояд, асос меёбад.

Мактаби ювенология солҳои 60-ум ташаккул меёбад, аммо танҳо солҳои 90-ум он дар Федератсияи Россия маъруфият пайдо

[1] Лупандин, В. Н. Сотсиология молодежи: учебник [Матн] / В. Н. Лупандин. – Орел: 2011. - 238 с.
[2] Википедия. Ювенология [Манбаи электронӣ] – 2016. – Режим доступа: http://dic.academic.ru/dic.nsf/ruwiki

мекунад. Соли 2004 мактаби мазкур монографияи коллективиеро бо унвони «Ювенология ва сиёсати ювеналӣ дар асри 21: таҷрибаи таҳқиқоти маҷмӯии байнифаннӣ» (бо забони русӣ) нашр мекунад. Дар монография мавзӯи ювенология ҳамчун тарафҳои гуногун, ҷузъиёти ҷараёнҳо ва падидаҳои ювеналӣ, ки хусусияти назариявӣ ва таҷрибавии объект – инсонро (гурӯҳро) бо дарназардошти вориди «ҷаҳони калонсолон» будани онҳо муайян месозанд, муқаррар мегардад[1].

Ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ таваҷҷуҳи зиёди ҷомеашиносон, олимон – сотсиологонро ҷалб намуд. Дар баробари ин, қисми зиёди донишҳо дар бораи ҷавонон хусусияти иҷтимоии гуманитарӣ доранд, ки аҳамиятнокии онро (донишро) нисбат ба шахсони ҷавон зиёд мегардонд.

Омӯзиши муосири моҳияти иҷтимоии ҷавонон фани нав – «сотсиологияи ҷавонон»-ро ба вуҷуд меорад. Сотсиологияи ҷавонон ҳамчун илм аз се зина иборат мебошад: 1) умумиметодологӣ – шинохти ҷавонон ҳамчун ҷамъиятан фавқулода / беҳамто; 2) махсуси назариявӣ, ки ҷавононро ба сифати қисми алоҳидаи иҷтимоии демографӣ меомӯзад; 3) таҷрибавӣ (эмпирикӣ) – таҳлили вазъи ҷавонон бар асоси омилҳои собитшаванда дар соҳаҳои дахлдори зиндагӣ[2].

Дар ташаккулёбии сотсиологияи ҷавонон хизматҳои зиёди олимони зеринро бояд зикр намуд: И. С. Кон, М. Х. Титма, Ю. Г. Волков, Е. Г. Слутский, Г. И. Хмара, Ю. В. Манко, Оганян К. М., И. Валев, П. Митяев, М. Семов, В. Фридрих, У. Штарке, И. Рихтер, З. Бекели ва дигарон[3].

Омӯзиши моҳияти ҷавонон ва муносибатҳои мутақобилаи онҳо дар ҷомеа, иштирок дар навсозиҳои иҷтимоии иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳо, ҷамъиятҳо, афзоиши талаботи онҳо аз ҳукуматдорон ба ташаккулёбии сиёсати ҷавонон боис мегардад.

Амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷаҳони муосир дар шароити зудтағйирёбӣ ва демократикунонии ҷомеа, беш аз пеш зарурат пайдо мекунад, инчунин хусусияти аҳамиятноки сиёсати

[1] Слутский, Е. Г. Ювенология в 21-м веке: комплексное междистсиплинарное знание о молодом поколении [Матн] / под редактсии Е. Г. Слутского и В. В. Журавлёва. – СПб.: 2007. – 734 с.

[2] Лисовский, В. Т. Сотсиология молодежи: учебник [Матн] / В. Т. Лисовский. - СПб: Изд-во С.-Петербургского университета, 1996. - 460 с.

[3] Ман.ко, Ю. В. Сотсиология молодежи: учебное пособие [Матн] / Ю. В. Ман.ко, М. Оганян. - СПб.: Петрополис, 2008. - 316 с.

мазкур бар ҷавон будани он ва он ки ояндаро имрӯз муайян месозад, асос меёбад.

Масъалаҳои ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои олимони зерини ватанӣ таҳқиқ шудаанд: Асадуллоев Р. Н., Ашӯров С. Б., Набиев В. М., Ҳакимов Ш., Раҳимов И., Тураева З. Н., Ҳоидбоев Ф. А.[1]. Аз ҷониби олимони мазкур то ҳадди муайян нақши ҷавонон дар шароити демократикунонии ҷомеа, тарбияи сиёсии ҷавонон, ҷараёнҳои таърихии барқароршавии сиёсати ҷавонон, масъалаҳои амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон тавассути низомҳои махсусгардонидашудаи идоракунӣ, сохтори мақомоти давлатии кор бо ҷавонон, таҳкими иқтидори ташкилотҳои ҷавонон, дастгирии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки онҳо дар татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон омӯхта шудаанд.

Мактаби ватании «сиёсати ҷавонон», дар ҳақиқат, шароити зиёдеро барои ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон фароҳам овардааст, аммо иқтидори он дар таносуб ба мактабҳои аврупоӣ ва ё россиягӣ хеле заиф арзёбӣ мегардад. Танҳо як далел, ки дар ин кишварҳо соҳаи мазкур, аллакай, ба сифати фанни илмӣ ва таълимӣ ворид гардидааст (пазируфта шудааст) вале дар Тоҷикистон ҳанӯз ин иҷро нашудааст, шаҳодати хулосаи боло мебошад. Барои ҳамин ҳам таҳқиқоти мазкур идомаи мантиқии мактаби ватанӣ мебошад, бинобар ин, ба рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон тавассути коркарди механизмҳо / технологияҳои муосир, зимнан, воридсозии он ба сифати фанни илмӣ ва таълимӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади омӯзиши васеъ муаллиф ба таҳқиқотҳои илмӣ-назариявӣ, таҷрибаҳо ва амалияҳои сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Сиёсати ҷавонон дар таҳқиқоти олимони маъруфи зерини кишварҳои ИДМ ва хориҷаи дур мавриди омӯзиши васеъ қарор дода шудааст: Зеленин А. А., Зубок Ю. А., Чупров В. И., Кочетков Ю. А., Кон И. С., Манко Ю. В., Нигматулина Т. А., Лупандин В. Н., Сафонова А. С., Орлова В. В., Бобочкин П. И., Иконникова М. В., Исаев Д. Н., Каган В.Е., Кочетков А. В. (Россия), Григоренко В. (Украина), Андерсон Б.,

[1] См: Асадуллоев, Р. Н. Молодеж. в протсессах демократизатсии общественной жизни страны (на примере Республики Таджикистан) [Матн] / Р. Н. Асадуллоев. – Душанбе, 2004. – 179 с.; Ашуров, С. Б. Государственная молодежная политика Таджикистана: состояние и перспективы [Матн] / С. Б. Ашуров. – Душанбе: Статус, 2002. – 236 с.; Набиев, В.М. Навнихолони боги истиклол [Матн] / В. М. Набиев. - Душанбе: Авесто, 2001. – 220 с.; Хакимов, Ш. Н. Тарбияи сиёсии чавонон [Матн] / Ш. Н. Хакимов. - Душанбе: Сино, 1994. – 122 с.; Рахимов, И. Х. Формирование государственной молодёжной политики в Республике Таджикистан: автореф. дис…к-та полит. наук: 23.00.02 [Матн] / И. Х. Рахимов. - Душанбе, 2002. – 22 с.

Гари Б, Мигуел Ф., Стенлей Х. (США), Ал–Мулла К. (ОАЭ), Дилчеки И. (Туркия), Kohler–Koch B., Ҷереми Р. (Британия), Ozbil Z., Habershon A. (Италия), Мет.ю С. (Ирландия) ва диг.[1].

**Заминаҳои назариявӣ-методолгии** таҳқиқоти диссертатсионӣ ба тавсеаҳои (вазъиятҳои) муосири илмӣ–назариявӣ ва таҳлилии дар таҳқиқотҳои муаллифони зерин пешниҳодгардида такя мекунад: Асадуллоев Р. Н., Раҳимов И. Ҳ., Ашӯров С. Б., Набиев В. М., Маҳмадов А. Н., Шарипов С. И., Зокиров Г. Н., Зеленин А. А., Гостенина В. И., Георгиенко В., Мигуел Ф., Стенлей Х., Дилчеки И., Лукичёв О. В., Лисовский В. Т., Тошенко Ж. Т. ва дигар олимон[2]. Ҳамчунин, дар қисмати мазкури таҳқиқот таҳлилҳои

---

[1] Зеленин, А.А. Государственная молодежная политика Российской Федератсии: контсептуал.ные основы, стратегические приоритеты, эффективност. регионал.ных моделей [Матн]: дис…д-ра полит. наук: 23.00.02 / А. А. Зеленин. - Нижний Новгород. 2009. - 580 с.; Сотсиология молодёжи [Матн]: энтсиклопед. словар. / авт. – сост. Ю. А. Зубок, В. И. Чупров.- М.: ACADEMIA. 2008. – 492 с.; Кочетков, А. В. Теория правового регулирования государственной молодежной политики в России [Матн]: дис…д-ра юрид. наук: 12.00.01 / В. А. Кочетков. - СПб. 2010. – 567 с.; Лисовский, В. Т. Сотсиология молодежи: учебник [Матн] / В. Т. Лисовский. - СПб: Изд-во С.-Петербургского университета, 1996. - 460 с.; Лупандин, В. Н. Сотсиология молодежи: учебник [Матн] / В. Н. Лупандин. – Орел: 2011. - 238 с.; Лукичёв, О. В. Феномен ювенологии как комплексного междистсиплинарного знания о подрастающем поколении [Матн] / О. В. Лукичёв // Криминология. – 2011. - С. 36-40; Ман.ко, Ю. В. Сотсиология молодежи: учебное пособие [Матн] / Ю. В. Ман.ко, М. Оганян. - СПб.: Петрополис, 2008. - 316 с.; Нигматуллина Т. А. Молодежная политика в условиях российского федерализма: регионал.ный аспект: автореф. дис…д–ра политических наук: 21.00.05 [Матн] / А. Т. Нигматуллина – Москва: 2013. – 46 с.; Сафонова, А. С. Молодежная политика и молодеж. в политике: зарубежный опыт [Матн] / А. С. Сафонова // Тамбов: Грамота. - №2 (28): в 2-х ч. Ч. II. - 2013. – С. 166-174; Программа дистсиплины «Государственная молодежная политика в Российской Федератсии»: 040700.62 Организатсия работы с молодеж.ю [Манбаи электронӣ] / Казанский федерал.ный университет: 2014. – Режим доступа: https://www.kpfu.ru/pdf/portal/oop/50293.pdf; Орлова, В. В. Методы комплексного исследования и отсенки положения молодежи в обществе: учеб. Пособие / В. В. Орлова. – Томск: Изд-во Томск. гос. ун-та систем управления и радиоэлектроники, 2013. – 224 с.; Георгиенко, В. Молодежная политика ЕС, СЕ, ООН [Манбаи электронӣ] / В. Георгиенко. – 2010. – Режим доступа: https://www.georgienko.com; Исаев, Д. Н. Половое воспитание и психогигиена пола у детей [Матн] / Д. Н. Исаев, В. Е. Каган // Молодеж. России: Библиогр. указател./РГЮБ. - М., 1995. - Вып. 1-4. – С. 154-162; Кон, И.С. Молодеж.: Бол.шая советская энтсиклопедия. 3-е изд. Т. 16. [Матн] / И. С. Кон. – Москва: 1998.; Кочетков, А. В. Молодежная политика в странах СНГ: опыт правового регулирования [Матн] / А. В. Кочетков // М.: Закон и право. - №12. – 2010. – С. 5-8; Youth Work, Sport and Recreation management [Манбаи электронӣ] / Victoria University. – Melbourne: 2014. – Режим доступа: https://www.maribyrnong.vic.gov.au/files/vu_youth_work.pdf; Anderson, B. E. How much did the programs help minorities and youth? [Матн] / B. E. Anderson // Employing the unemployed. - New York: Basic Books, 1980. – pp. 32-39; Gary, B. Review and analysis of international experience with programs targeted on at-risk youth [Матн] / B. Gary, F. Miguel // LASHC Paper Series. - №5. - World Bank, 1996. – 118 p.; Stanley, G. Youth its Education, Regimen, and Hygiene [Матн] / G. Stanley Hall. - New Zeeland: Clark University, 1904. – pp. 168; Ал-Мулла, К. Состояние молодежной политики в Арабском регионе [Матн] / К. Ал-Мулла. – Доха: 2006. – 9 с.; Дилечки, И. Молодежная политика Туртсии [Матн] /И. Дилечки // Белорусская думка. - №7. – 2014. - С. 97-101; Kohler-Koch, B. The three worlds of European civil society - What role for civil society for what kind of Europe?" [Матн] / B. Kohler-Koch. - London: The New Politics of Civil Society. - issue 1. - 2009. - pp. 47-57; Ozbil, Z. Materials of conference "Young people in Eastern Europe and Central Asia: from policy to action" [Матн] / Z. Ozbil, A. Habershon. - World Bank: Rome, 2007. - 173 p.; Jeremy, R. Youth in Society: Contemporary Theory, Policy and Practice [Матн] / R. Jeremy. – UK., Open University, 2014. – 263 pp.; Matthew, S. Youth Participation and Youth Work [Матн] / S. Matthew // Youth studies Ireland. - #2. – Ireland., 2008.; Jeffs, T. Innovation and Youth Work [Матн] / T. Jeffs // Journal: Youth and Youth Policy. - #114. - 2015. – p.80-95.

[2] Асадуллоев, Р. Н. Молодеж в процессах демократизации общественной жизни страны (на примере Республики Таджикистан) [Матн] / Р. Н. Асадуллоев. – Душанбе, 2004. – 179 с.; Рахимов, И. Х. Формирование государственной молодёжной политики в Республике Таджикистан: автореф. дис…к-та полит. наук: 23.00.02 [Матн] / И. Х. Рахимов. - Душанбе, 2002. – 22 с.; Ашуров, С. Б. Государственная молодежная политика Таджикистана: состояние и перспективы [Матн] / С. Б. Ашуров. – Душанбе: Статус, 2002. – 236 с.; Набиев, В. М.

ташкилотҳои байналмилалии СММ (Муҳоҷирати ҷавонон)[1], Бонки Умумиҷаҳонӣ (Гузориш дар бораи рушди ҷаҳонӣ)[2], Ташкилоти умумиҷаҳонии меҳнат (Қатъномаи алоқаманд ба шуғли ҷавонон)[3] ва маводи маҷаллаи байналмилалии «Youth & Policy»[4] (бо забонҳои русӣ ва англисӣ) истифода бурда шудаанд.

Дар ҳошияи моделикунонии (амсиласозии) сиёсии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон консепсияи рушди бонизоми байнисоҳавии он тавассути амалҳои мутақобилаи ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ таҳия гардидааст. Дар ин росто, дар таҳқиқот консепсияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва ҷанбаҳои сиёсӣ-дипломатии Барномаи умумиҷаҳонии амалиёти ҷавонон то соли 2000 ва пас аз он истифода гардидаанд[5].

**Объекти таҳқиқот** – сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизмҳои (технологияҳои) фаъолияти устувор ва рушди он дар шароити дигаргунсозии (ислоҳоти) демократии мамлакат мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот** – моҳият, асосҳои назариявӣ, таҷрибавӣ (эмпирикӣ), ғоявӣ–консептуалӣ, тамоюлҳо ва вижагиҳои сиёсати ҷавонон, хосият ва технологияҳои рушди мунтазами он дар

---

Созандагони Точикистони сохибистиклол [Матн] / В. М. Набиев. - Душанбе: Ирфон, 2013. – 340 с.; Махмадов, А. Н. Протсесс межнатсионал.ного общения как сотсиал.но-политический феномен: Опыт Таджикистана [Матн]: диссертатсия ... доктора политических наук: 23.00.02 / А. Н. Махмадов. – Куляб, 1996 – 276 с.; Шарипов С. И. Демократизатсия политических протсессов в современном Таджикистане [Матн]: диссертатсия ... доктора политических наук: 23.00.02 / С. И. Шарипов. – Душанбе, 2001 – 310 с.; Зокиров Г. Н. Сиёсатшиноси. Китоби дарси барои донишчуёни мактабхои оли. Нашри сеюми такмилёфта [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Эр–граф, 2010 – 520 с.; Лукичёв, О. В. Феномен ювенологии как комплексного междистсиплинарного знания о подрастающем поколении [Матн] / О. В. Лукичёв // Криминология. – 2011. - С. 36-40; Лисовский, В. Т. Сотсиология молодежи: учебник [Матн] / В. Т. Лисовский. - СПб: Изд-во С.-Петербургского университета, 1996. - 460 с.; Тощенко, Ж. Т. Сотсиология управления: учебник. [Матн] / Ж. Т. Тощенко. – М.: ТСентр сотсиал.ного прогнозирования и маркетинга, 2011. – 300 с.; Зеленин, А. А. Государственная молодежная политика Российской Федератсии: контсептуал.ные основы, стратегические приоритеты, эффективност. регионал.ных моделей [Матн]: дис…д-ра полит. наук: 23.00.02 / А. А. Зеленин. - Нижний Новгород. 2009. - 580 с.; Гостенина, В. И. Сотсиология управления: Стандарт трет.его поколения [Матн] / В. И. Гостенина. – СПБ.: Питер, 2013. – 368 с.; Лукичёв, О. В. Феномен ювенологии как комплексного междистсиплинарного знания о подрастающем поколении [Матн] / О. В. Лукичёв // Криминология. – 2011. - С. 36-40; Георгиенко, В. Молодежная политика ЕС, СЕ, ООН [Манбаи электронӣ] / В. Георгиенко. – 2010. – Режим доступа: https://www.georgienko.com.

1 World Youth Report [Манбаи электронӣ] / United Nations. - New York., 2016. – Режим доступа: https://www.un.org/publications

2 World development report 2007: Development and the next generation [Манбаи электронӣ] / World Bank. - Washington (USA)., 2006. – Режим доступа: http://www-wds.worldbank.org/external/default/ WDSContentServer/WDSP/IB/2006/09/13/000112742_20060913111024/Rendered/PDF/359990WDR0complete.pdf

3 Резолютсия, касающаяся занятости молодежи [Манбаи электронӣ] / МОТ. – Женева., 2005. – 21 с. – Режим доступа: http://www.ilo.org/employment/areas/youth

4 См.: Youth & Policy Journal [Манбаи электронӣ]: The journal is run on a not-for-profit basis. / 'Burnbrae', Black Lane, Blaydon Burn, Blaydon on Tyne NE21 6DX. – (1982) 2016. – Режим доступа: https://www.youthpolicyandpolicy.org

5 World program of action for youth: UN resolution from 13.03.1996 #50/81 [Манбаи электронӣ] – New York., 2010. – Режим доступа: www.un.org/youth.

шароити дигаргунсозиҳои (ислоҳоти) демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ, ин омӯзиши назариявӣ-методологӣ ва таҷрибавии (эмпирикии) моҳият ва асосҳои ғоявӣ-консептуалӣ, вижагиҳо ва тамоюлҳои ташаккулдиҳии сиёсати ҷавонон ва коркарди (таҳияи) технологияҳои рушди мунтазам ва устувори он дар шароити дигаргунсозии демократии ҷомеа мебошад. Ҳамчунин, таҳияи консепсияи амалҳои мутақобилаи ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ вобаста ба беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷавонон, фаъолнокии сиёсии онҳо ва амалисозии босамари сиёсати ҷавонон бо дарназардошти таҷрибаи пешрафта ва ҷараёнҳои демократии рушд, ҳадафи таҳқиқот мебошад.

Амалисозии мақсади гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ҳалли **вазифаҳои мушаххаси** зерин ба роҳ монда мешавад:

- мураттабсозӣ ва таҳлили адабиёти алоқаманди ватанӣ ва хориҷӣ, маводи таҳқиқотӣ ва оморӣ, амалияи беҳтарин (дар сатҳи давлатҳои алоҳида ва ташкилотҳои байнламилалӣ) ва санадҳои қонунгузорӣ дар мавзӯи моҳият ва асосҳои назариявӣ, ғоявӣ-консептуалӣ ва технологӣ, вижагиҳо ва усулҳои рушди устувори сиёсати ҷавонон;
- таҳияи равишҳои системавӣ бо дарназардошти маҷмӯи сохторҳои амудӣ ва уфуқӣ, амалҳои байнисоҳавӣ, бисёрсоҳавӣ, интерактивӣ ва интизомӣ (таълиму тарбиявӣ), тадбирҳои ҳамоҳангсозӣ ва баҳогузорӣ бо фарогирии мушкилоти воқеии ҷавонон дар шароити дигаргунсозии демократӣ ва таъмини амалисозии самараноки сиёсати давлатии ҷавонон;
- таҳқиқоти проблемаҳо ва вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии байни ҷавонон дар робита ба амалисозии соҳаҳои афзалиятноки асосии сиёсати давлатии ҷавонон;
- таҳлили мақсадҳо, вазифаҳо ва принсипҳои амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон, муайян кардани соҳаҳои афзалиятноки асосии он;
- таҳияи консепсияи амалҳои мутақобила байни ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар робита ба рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон;
- тасниф ва баҳогузории вазъи амалисозии заминаҳои қонунгузории сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир;
- муайян кардани асосҳои идеологии сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши он ба сифати механизми мақсадноки маълумотноксозӣ ва маърифатнокии ҷавонон оид ба вижагиҳои демократии рушд;

- коркарди (таҳияи) консепсияи «иштироки ҷавонон» ҳамчун технологияи мукаммали амалисозии босамари сиёсати ҷавонон дар раванди рушди демократии давлат;

- таҳияи механизми иштироки сиёсии ҷавонон дар ҷомеа бо роҳи ташаккули парламентаризми ҷавонон ҳамчун василаи рушди сиёсии ҳуқуқии давлат;

- моделикунонӣ (амсиласозӣ) – таҳияи модели рушди мунтазам ва устувори сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо усули амалҳои мутақобилаи ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар доираи афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон.

**Фарзияи (гипотезаи) таҳқиқот**: Рушди илмӣ, назариявӣ–методологӣ ва ниҳодии сиёсати ҷавонон дар шароити доимотағйирёбандаи сиёсӣ ва ислоҳоти низоми идоракунӣ, ки онро ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва демократикунонии ҷомеа тақозо мекунад, метавонад ба инкишофи динамикии ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа мусоидат намояд.

Рушди сиёсати ҷавононро дар робита ба таъминоти асосҳои илмӣ, назариявӣ–методологӣ ва ниҳодӣ метавон бо роҳи моделикунонӣ – татбиқи технологияҳои муосир, бо дарназардошти маҷмӯи сохторҳои амудӣ ва уфуқӣ, амалҳои байнисоҳавӣ, бисёрсоҳавӣ, интерактивӣ ва интизомӣ (таълиму тарбиявӣ), тадбирҳои ҳамоҳангсозӣ ва баҳогузорӣ бо фарогирии мушкилоти воқеии ҷавонон, ҳамчунин татбиқи амалҳои мутақобилаи ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар доираи афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон, ноил гардид.

**Заминаи назариявӣ–методологии таҳқиқот,** асосан, ба таълифҳои соҳаи сиёсатшиносӣ, ювенология, сотсиологияи ҷавонон, сиёсати ҷавонон, назарияҳо ва методологияҳои ҷараён, таърих, вижагиҳо ва тамоюлҳои ташаккулдиҳӣ ва амалисозии сиёсат нисбат ба ҷавонон дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ, мутахассисон, мактабҳои илмӣ ва муассисаҳои махсусгардонидашуда таҳия гардидаанд, инчунин ба ҳолатҳои алоҳидаи назариявӣ ва таърихии воридсозии сиёсати ҷавонон ва идоракунии сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад.

Дар таҳқиқот тарзу усулҳои **умумиилмӣ, умуминазариявӣ ва сотсиологӣ** истифода гардидаанд.

Дар байни усулҳои умумилмӣ метавон усулҳои таҳлилӣ-синтетикӣ, индуктивӣ, дедуктивӣ, ҳаммонандӣ, муқобилгузорӣ, муқоисакунӣ, таснифӣ ва мантиқишаклиро номбар кард.

Бо усули таҳлилӣ–синтетикӣ ҳолати умумии сиёсати давлатии ҷавонон, вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии ҷавонон муайян карда

шуданд. Бо усули дедуктивӣ афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон ҷудо гардиданд. Консепсия – модели амалҳои мутақобилаи ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ба сифати василаи / технологияи муосир, ки рушди устувори сиёсати давлатии ҷавононро кафолат медиҳад, бо усули индуктивӣ коркард гардидааст.

Ҳамин тариқ, ҳамаи тарзу усулҳои дар таҳқиқот истифодашуда дар диссертатсия нисбатан мушаххас оварда шудаанд.

**Заминаи таҷрибавии (эмпирикии) диссертатсияро** корҳои илмӣ–назариявӣ, манбаъҳои оморӣ, иттилоотӣ, сотсиологӣ ва назоратии фарогирандаи маълумот оид ба ҷараёни ташаккулёбии илмӣ, назариявӣ, методологӣ ва ниҳодии сиёсати давлатии ҷавонон, тағйирёбии нақши он, аҳамиятнокӣ ва вазифаҳо, мушкилот ва монеаҳо ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот ҳамчунин маводи гуногуни миллӣ ва байналмилалии таҳлилӣ, ҳисоботҳо, суханрониҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои гуногуни амалии инъикоскунандаи вазъи иҷтимоии иқтисодӣ ва сиёсии байни ҷавонон истифода шудаанд.

Дар баробари ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳисоботҳо аз натиҷаи таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва таҳлилҳои аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда, истифода гардидаанд.

**Навовариҳои илмии таҳқиқот** инҳоянд:

- муҳимтарин масъалаҳои назариявӣ ва консептуалии омӯзиши сиёсати ҷавонон дар ҷараёни ташаккулёбии муносибатҳои муосири илмӣ–назариявӣ, сиёсӣ ва ниҳодӣ баррасӣ карда шуда, мулоҳизаи муаллифии рушди он дар шароити дигаргунсозии демократии ҷомеа пешниҳод гардидааст. Дар ҳамбастагӣ ба ин, зарурати рушди равияи нави илмӣ бо фарогирии омӯзиши масъалаҳои ҳамгироӣ, байнисоҳавӣ ва методии сиёсати ҷавонон ва мушкилоти ҷавонон, чи дар маҷмуъ ва чи дар алоҳидагӣ (аз рӯйи соҳаҳо), асоснок карда шудааст. *Бояд зикр намуд, ки омӯзиши илмии сиёсати ҷавонон дар ҷомеа, одатан, ҳамчун як равияи илмӣ (сиёсӣ) фаҳмида мешавад, аммо танҳо далели аҳамияти байнисоҳавӣ, бисёрамалӣ ва байнифаннӣ доштани он, бисёрҷабҳа будани ин соҳаро инъикос менамояд, ки дар баробари омӯзиши сиёсии он, боз омӯхтани асосҳо, ҷараёнҳо, падидаҳо ва вижагиҳои сотсиологӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, идоракунӣ, фарҳангӣ, омӯзгорӣ, психологӣ ва таърихии он тақозо мегардад;*

- консепсияи назариявии муаллифии амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон бар асоси вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ–этикӣ бо сохторҳои (тарзҳои) амудӣ ва уфуқӣ,

ҳамчунин усулҳои мудохилаи бисёрсоҳавӣ, масъулияти байнифаннӣ (интизомӣ–таълимӣ) ва таъсиррасонии принсипиалӣ пешниҳод гардидаст. Консепсияи мазкур бо дарназардошти амалисозии бонизом ба рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат мекунад;

- самтҳои асосии афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷониби муаллиф) муайян карда шудаанд, ки ба сифати технологияи асосии заминавии рушди он, иборат аз: *1) иштироки ҷавонон; 2) шуғли ҷавонон; 3) ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон; 4) таҳсилоти муносиб барои ҷавонон; 5) таъминоти иҷтимоии ҷавонон; 6) таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон; 7) мустақилияти иқтисодии ҷавонон; 8) ватандӯстии ҷавонон; 9) рафтори муносиб ва фарҳанги ҷавонон; 10) ҷанбаҳои ниҳодӣ ва илмӣ–амалии сиёсати давлатии ҷавонон*, тартиб дода шудаанд, ки бар шароити вазъияти баамаломада нисбат ба ҷавонон, талаботи онҳо, вобастагӣ ва робитаи мутақобила байни ҷомеа, ҳукумат ва худи ҷавонон таҳия (коркард) гардидаанд;

- вазъияти умумии (бори аввал дар мамлакат) иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии ҷавонон дар робита ба амалисозии афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон пешниҳод (таҳлил) гардидааст. Муайян карда шуд, ки механизмҳои ҷории амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон бар сохтори нақшавии амалӣ бо усулҳои анъанавии татбиқсозӣ асос ёфтаанд, ки ба низомҳои патриархалии (оддии) идоракунӣ шомил мебошанд. Бинобар ин, технологияҳои идоракунии муосири байнисоҳавӣ, бисёрсоҳавӣ, маҳаллӣ ва қолабӣ пешниҳод карда шуданд;

- низоми (системаи) ниҳодисозии (ташаккули) илмӣ, таҳқиқотӣ ва назариявӣ-методологии алоқаманд ба сиёсати давлатии ҷавонон пешниҳод карда шудааст, ки чунин ҷузъиёт / вазифаҳоро фаро мегирад: ошкорсозии мураттаб, омӯзиш, таҳлил, пешбинӣ ва пешгӯии мушкилоти ҷавонон, касбикунонии «кор бо ҷавонон», сохторҳои амудӣ ва уфуқии таҳлили (мониторинг ва баҳогузории) амалисозии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, натиҷанокии он ва таъсиррасонӣ ба фаъолнокии сиёсӣ ва мутобиқати иҷтимоии ҷавонон дар ҷомеа;

- модели комилан нави муосидаткунанда ба рушди устувори сиёсати ҷавонон дар шароити шаклдигаркунии демократии ҷомеа – модели байнисоҳавии амалҳои мутақобила байни ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ пешниҳод гардидааст. Агар модели мазкурро бо формулаи математикӣ ифода намоем, пас чунин ҳосил мегардад: МБАМБ=СДҶ/Ҷ*(ҶШ+БХ), ки дар инҷо СДҶ – сиёсати давлатии ҷавонон, МБАМБ – модели байнисоҳавии амалҳои мутақобилаи бонизом, Ҷ – ҷавонон, ҶШ – ҷомеаи шаҳрвандӣ, БХ – бахши хусусӣ;

- василаҳои дастрас – усулҳои амалисозии самараноки қонунгузории сиёсати ҷавонон, аз ҷумла барномаҳои мақсадноки рушди ҷавонон тавассути ҳамкориҳои мутақобила ва шарикии байни субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ муайян карда шуданд;

- механизми муосири рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар робита ба вижагиҳои идеологии давлат бо дарназардошти ба ҷавонон талқин намудани асосҳои демократии озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва арзишҳои фарҳангии ҳаёт бо усули амалҳои мутақобилаи байнисоҳавӣ ва маҳаллии байни ниҳодҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ҳамчун амалисозии самараноки асосҳои идеологии сиёсати давлатии ҷавонон арзёбӣ мегардад, коркард (таҳия) гардид. Мулоҳизаи (назарияи) муаллифии идеологи(я)и миллӣ / давлатӣ – таълим (омӯзонидан), талқин ва рӯҳбаландии ҷомеа ба хусусиятҳои (асосҳои) демократӣ, озодӣ, мустақилият ва фарҳангии арзишҳои ҳаётӣ – тасвия (муайян) карда мешавад;

- консепсияи «иштироки ҷавонон» дар рушди ҷараёнҳои демократии давлат тавассути муайян кардани ҳиссаи (квотаи) намояндагии ҷавонон дар ҳар се шохаи ҳокимият, ки ба ҷавонишавии кадрӣ ва таҳкими низоми идоракунии давлатӣ боис мегардад коркард (таҳия) карда шуд. Ҳамзамон, ба низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон додани мақоми «мактаби кадрҳо» асоснок карда шудааст, ки дар ҳақиқат бояд рисолати асосии худ – омодасозӣ ва баамалбарории захираҳои кадриро иҷро намояд;

- механизми нави рушди сиёсати ҷавонон – ташаккулдиҳии парламентаризми ҷавонон, ки фарогири иштироки фаъоли (намояндагии) ҷавонон дар мақомоти қонунгузории ҳокимияти давлатӣ мебошад, коркард (таҳия) гардид. Механизми мазкур ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон ва таҳкими иқтидори технологии сиёсати ҷавонон, ки бар таҷриба, дастовардҳои мамлакатҳои хориҷӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон асос меёбад, равона гардидааст;

- модели рушди мунтазам ва устувори сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба муттаҳидсозӣ ва рушди иқтидорҳои тарафҳои гуногун, ба монанди ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ таҳия гардид. Модел бо дарназардошти афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон ба сифати механизми ягонаи стратегӣ, ки фаъолияти амалӣ ва рушди сиёсати ҷавононро дар шароити демократикунонии ҷомеа таъмин месозад, пешниҳод гардидааст. Қисмати амалии роҳандозии тадбирҳо аз рӯйи модели мазкур ба маҳалликунонӣ ва ғайримарказонии муносибатҳо, ҳамчунин тақсимоти баробари уҳдадориҳо дар асоси имкониятҳои воқеии амалии субъектҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон равона гардидааст.

**Масъалаҳои асосии** барои ҳимоя пешниҳодшаванда.

1. Сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун қисми ҳокимияти сиёсӣ фарогири низоми муносибатҳои расман муқарраршуда, тартибот ва сохторҳои бар асоси меъёрҳо ва ғояҳои муайяни ташаккулёфтаи назариявӣ ва дар шакли тасдиқшудаи ташкилию ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ амалкунанда мебошад. Низоми мазкур, ки дар ҳақиқат дар ва ё ба пайвандгоҳи соҳаҳои гуногун ташаккул ёфтааст ва ҷавон аст (асосан, иборат аз субъектҳои ҷавон) бояд амалӣ, прогрессивӣ ва фаъол бошад.

2. Ошкорсозии назариявии имкониятҳои мавҷудаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии рушди ҷавонон самаранокӣ ва маҳсулнокии сиёсати давлатии ҷавононро таъмин месозанд, зимнан, масъулият ва садоқати шаҳрвандони ҷавонро нисбат ба ҳокимияти сиёсӣ баланд мебардорад. Ҷомеаи муосир заминаи ҳамбастаи муътадил ва устувори назариявӣ ва илмӣ-методии сиёсати ҷавононро иборат аз панҷ ҷузъиёти зерин талаб месозад: 1) илмӣ–методологӣ; 2) муҳокимавӣ–машваратӣ; 3) иттилоотӣ–таҳлилӣ; 4) касбӣ–таълимӣ; ва 5) иҷроия ва ё амалӣ. Аз ин ҷо ҷузъҳои якум, дуюм ва чорум дар низоми ҷории идоракунии сиёсати ҷавонон амалан вуҷуд надоранд, ду ҷузъҳои боқимонда, чи тавре аз таҷрибаҳои омӯхта бармеояд, амал мекунанд, аммо номукаммал. Низом дар маҷмуъ аз ҳамаи ҷузъиёти номабаргашта вобастагӣ дорад, бахусус аз асосҳои илмӣ-методологӣ.

3. Муайян кардани афзалиятҳо барои равандҳои сиёсӣ (аз ҳадафҳои умумӣ ва вазифаҳо) равиши нав ва комил ҷиҳати фаъолияти самараноки онҳо ба ҳисоб меравад. Сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун ниҳоди байнисоҳавӣ ва бисёрҷанба барои расидан ба натиҷаҳои мушаххас ва устувор, ки дар айни замон муайянкунии (арзёбии) онҳо бисёр душвор аст, зарур аст, ки афзалиятҳои худро муайян созад. Илова бар ин, роҳи расидан ба заминаҳои самараноки илмӣ-назариявӣ ва консептуалӣ муқаррар намудани афзалиятҳо ва самтҳои калидии (асосии) фаъолиятро тақозо мекунад.

4. Ҷомеаи демократӣ, амалан иштирок ва саҳми баробари ҳамаи тарафҳо – сохторҳои ҷомеаро дар рушди сиёсати ҷавонон талаб мекунад. Аз нимаи дуюми асри XX, чи тавре ҷомеаи байналмилалӣ пазируфтааст, барои воридсозӣ ва тарақии сиёсати ҷавонон даҳҳо уҳдадориҳо ва талаботи байналмилалӣ дар шакли қатъномаҳо, эъломияҳо, барномаҳо ва стратегияҳо қабул гардидаанд, ки ҳам ҳокимияти давлатӣ, ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳам бахши хусусиро баҳри татбиқи ҳамагуна тадбирҳои имконпазир ҷиҳати рушди ҷавонон даъват месозанд, ҳамзамон тақозо мекунанд, ки дар сатҳи давлатҳо сиёсати миллии ҷавонон ворид карда шавад, то ин ки ба ҷавонон хизматрасониҳои алоқаманд бо сифати баланд ва дар

шакли маҷмӯӣ ва суроғавӣ таъмин карда шаванд. Зимнан, муттаҳидсозии иқтидорҳои сохторҳои ҷомеа, ба монанди ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар робитаи бевосита бо ҷавонон метавонад ба амалисозии босамари доктринаҳои байналмилалӣ ва аз ҳама муҳим ба рушди устувори сиёсати ҷавонон дар ҷумҳурӣ, бо усули амалҳои мутақобилаи байнисоҳавӣ мусоидат намояд.

5. Қонунӣ ва амалӣ будани сиёсати давлатии ҷавонон аз нигоҳи ниҳодӣ салоҳиятдор ва илман муттасилии (давомдории) онро бо дарназардошти иқтидорнокӣ, устуворӣ ва муътадилӣ дар муносибатҳои сиёсӣ инъикос мекунад. Амалӣ будани сиёсати ҷавононро мумкин аст бо роҳи иттилоотнок будани субъектҳо ва сатҳи дониши онҳо оид ба кор дар (истифодаи) соҳа, дастрас ва мутобиқ будани қонунгузорӣ ва меъёрҳои амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон, сатҳи фаъолнокии сиёсии ҷавонон ва мутобиқати иҷтимоии онҳо муайян намуд.

6. Тоҷикистон дар робита ба идеологияи давлатӣ ҳуқуқ ва озодии инсонро арзиши олӣ эътироф мекунад, баробарҳуқуқиро дар ҷомеа дастгирӣ менамояд, рушди мустақилияти иқтисодӣ ва ташаккулёбии шахсиятро кафолат медиҳад, мустақилияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, эҳтиром гузоштан ба мероси фарҳангӣ ва миллӣ, соҳибихтиёрии мамлакат ва ҳифзи ватанро талқин месозад. Зимни муқоисаи самти идеологии давлат бо вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон, робитаи зичи онҳо дар масъалаҳои тарбияи ҷавонон ва рушди комили онҳо (ҷавонон) дар шароити ҷомеаи муосир ошкор мегардад. Бинобар ин, бо амалисозии босамари сиёсати давлатии ҷавонон, мо ҷомеаи аз нигоҳи идеологӣ маърифатнок ва обутобёфтаро, бо қобилияти истодагарӣ карда тавонистан бар ҳама намуди таҳдидҳо, зуҳуроти номатлуб ва ҳифзкунандаи тамомияти давлат ва Ватани худ, ба даст меорем.

7. Демократикунони муносибатҳо дар Тоҷикистони муосир ҷавононро ҳамчун захираи амалӣ ва пойдор – механизми дорои қобилияти табдилёбӣ ва муқобилият ба тағйирот ва дигаргуниҳои зудрухдиҳанда, эътироф мекунад, бо ҳамин далел, онҳоро ба худшиносӣ, мустақилият ва худамалисозӣ равона месозад, ки ин пайдо намудани маҳаки ихроҷи ҳамин захира ва андешидани тадбирҳои мувофиқи интерактивӣ ва ҳавасмандгардониро барои ҳукумат имкон медиҳад, дар мисоли иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва давлат бо дарназардошти фаъолоноксозии идоракунӣ ва сиёсии онҳо (рушдёбӣ).

8. Дар шароити ҷомеаи муосир дар ҷаҳон дигаргуниҳои зиёд ба амал омаданд, ки аз як тараф, мутобиқ ба талаботи давраи гузариш нисбат ба ҳар як давлат пайдо гардидаанд ва аз тарафи дигар, бо мақсади идоракунии ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ тариқи муттаҳидсо-

зии иқтидорҳо ба вуҷуд омадаанд. Дар робита ба ин, парламентаризми ҷавонон механизми муосир ва такмилёфтаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки иштироки фаъоли ҷавононро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таъмин намуда, ба рушди ниҳоди интихоботи демократия мусоидат карда, ба омодасозии кадрҳои ҷавони болаёқат замина фароҳам меорад. Модели мазкур – парламенти ҷавонон – ба принсипи идоракунии демократӣ хос ва барои рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон дастрас ва муносиб арзёбӣ мегардад.

9. Раванди фаъолнокӣ ва мутобиқати иҷтимоии ҷавонон, иқтисоди бозоргонӣ, принсипҳои идоракунии демократӣ ва ниҳодисозии низоми (ислоҳоти идоракунии) соҳа дар робита ба рушди сиёсати давлатии ҷавонон, азнавсозии сохторӣ, маҳалликунонӣ, ғайримарказонӣ ва азнавтақсимкунии уҳдадориҳои вазифавӣ ва самтнокро байни субъектҳои асосӣ (сохторҳои ҷомеа): ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ тақозо мекунад. Ин имконият медиҳад, ки зинаи нав ва ё дараҷаи нави муосир – усули байнисоҳавӣ, мутақобилан судманд, интерактивӣ, мутақобилан пайваста ва дастраси ҳамагон таъмини (амалисозии) сиёсати ҷавонон фароҳам оварда шавад. Технологияи мазкур ба рушди муътадили соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, бо роҳи таъмини илмӣ-назариявӣ ва таҳлилӣ, касбикунонии хизматрасониҳо, фароҳам овардани шароит барои рақобат, дарёфти манбаъҳои иловагӣ ва дақиқи маблағгузорӣ, ташаккулдиҳии механизми ҳамоҳангсозӣ, ҳамкорӣ ва шарикӣ, ҳамчунин ташкили шароити мониторинг, баҳогузорӣ, самаранокӣ ва робитаи баргашт мусоидат менамояд.

**Аҳамиятнокии илмӣ-амалӣ.** Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ, масъалаҳои илмӣ-назариявӣ ва технологӣ, заминаҳои консептуалӣ, хулоса ва тавсияҳо барои истифодаи васеъ дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ-педагогӣ, эҷодӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ ва барномавӣ (барномасозӣ ва банақшагирӣ) пешниҳод мегарданд. Масъалаҳои консептуалии дар таҳқиқот ошкоршуда, усулҳои амалҳои мутақобилаи ҳамгироӣ ва байнисоҳавӣ ба васеъ гардидани майдони таҳқиқоти илмӣ ва рушди назариявӣ-методологии сиёсати ҷавонон имокният медиҳанд. Таҳқиқоти мазкур ба илми сиёсӣ, назарияи умумии ҳокимияти сиёсӣ ва сиёсати ҷавонон, ювенология, сотсиологияи ҷавонон ва идоракунӣ бо роҳи ташаккули заминаи илмӣ-назариявӣ ва технологӣ барои омӯзиши маҷмӯии сиёсати давлатии ҷавонон саҳм мегузорад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** ба коркарди технологияҳои мукаммали рушди устувори сиёсати ҷавонон ҳамчун «вижагиҳои илмӣ-назариявӣ ва консептуалии сиёсати давлатии ҷавонон», «афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон», «иштироки ҷавонон», «заминаҳои идеологии сиёсати давлатии ҷавонон», «парла-

ментаризми ҷавонон» ва «модели мураттаб, байнисоҳавии амалҳои мутақобилаи ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ» асос меёбад. Бар асоси ҳамин технологияҳо ба ҳамаи субъектҳо (тарафҳо), бахусус низомҳои идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон тавсия мегардад, ки сохтор, принсипҳои идоракунӣ ва таркиби заминаҳои қонунгузорӣ аз нав дида баромада шавад, барномаҳои мақсадноки миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ва нақшаҳои стратегии муносиб таҳия ва амалӣ гардонида шавад, инфрасохтори кор бо ҷавонон васеъ карда шаванд, институтҳои/марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таъсис дода шаванд, ихтисосмандӣ ва ё касбияти «кор бо ҷавонон» таъмин карда шавад, вазифаҳои байни ҳамаи субъектҳо, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ аз нав тақсим карда шаванд.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва навоварии илмии онҳо** метавонанд дар амалисозии самаранок ва рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла дар ҷараёни ниҳодисозӣ ва ислоҳоти низоми идоракунии соҳаи мазкур истифода карда шаванд. Заминаҳои назариявӣ ва консептуалии тасвияёфта (таҳиягашта) (технологияҳои коркардшуда) метавонанд барои ба сатҳи баланд бардоштани таъминоти ниҳодӣ ва илмӣ-назариявии сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат намоянд.

**Таркиби таҳқиқоти диссертатсионӣ** ва масъалаҳои муайянкардаи он метавонанд мавриди дарси (хондани) фанҳои таълимӣ, ба монанди сиёсатшиносӣ, таърихи омӯзишҳои сиёсӣ, назарияи давлат, назария ва таърихи давлатдории миллӣ, сотсиология, идоракунӣ, сотсиология ва психологияи идоракунӣ, идоракунии давлатӣ ва ғайра истифода шаванд. Ҳамчунин, қисми зиёди масъалаҳои диссертатсия барои машғулиятҳои берунazсинфӣ ва таҳсилоти иловагӣ, ба монанди тренингҳо, семинарҳо, ва курсҳои омӯзишӣ дар мавзӯҳои: ҷавонон ва нақши онҳо дар сиёсат, заминаҳои илмӣ-назариявии сиёсати ҷавонон, асосҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон, усулҳои амалисозии самараноки сиёсати давлатии ҷавонон, масъалаҳои амалҳои мутақобила байни ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ, идеологияи миллӣ, иштироки ҷавонон дар сиёсат, парламентаризми ҷавонон, технологияҳои устувори рушди сиёсати ҷавонон ва ғайра мувофиқ мебошад.

**Тасвиби (апробатсияи) натиҷаҳои таҳқиқот**

Масъалаҳои (корҳои) асосии назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот дар зиёда аз 60 интишорот, аз ҷумла 7 монографияҳо ва 22 мақолаҳо дар нашрияҳои Рӯйхати КОА (ВАК) Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия, ҳамчунин дар маводи таълимӣ, методӣ ва иттилоотӣ-амалӣ оварда шудаанд (ниг. ба https://miraliev.com/).

Масъалаҳои таҳқиқоти алоҳида дар гузоришҳо ва муҳокимаҳои конференсияҳо ва форумҳои илмии сатҳи миллӣ ва байнал-

милалӣ, аз ҷумла, дар конференсияҳои Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои олимони ҷавони Тоҷикистон, форумҳои Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон, мушовараҳои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар ҷаласаҳои Ассамблеяи ҷавонони байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ баррасӣ гардидаанд.

Қисми зиёди масъалаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон тасвиби (апробатсияи) худро ёфтаанд (ниг. ба замима).

**Сохтори диссертатсия**. Мантиқ ва сохтори диссертатсияи мазкур бо масъалагузории тасвияёфта, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. Таҳқиқот аз пешгуфтор, чор боби аз ёздаҳ параграф (зерфасл) таркибёфта, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар пешгуфтор аҳамиятнокии мавзӯи таҳқиқот асоснок карда мешавад, дараҷаи илмии масъалаҳои таҳияшуда баҳогузорӣ мегардад, объект ва мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, заминаи назариявӣ–методологии таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалӣ муайян карда мешаванд, тавзеҳоти масъалаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шуда, тасвиби (апробатсияи) натиҷаҳои диссертатсия пешниҳод карда мешавад.

Дар боби якум – **«Заминаҳои назариявӣ ва вазъиятии ташаккулёбии сиёсати ҷавонон»** – ҷараёнҳои илмӣ-назариявӣ, методологӣ ва вазъиятии ташаккулёбии сиёсати ҷавонон муайян ва таҳқиқ карда мешаванд, баъзе вижагиҳои назариявӣ ва консептуалии рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар байни ҷавонон таҳлил карда мешавад.

Дар параграфи якум – **«Ҷараёнҳои илмӣ-назариявӣ, методологӣ ва вазъиятии ташаккулёбии сиёсати ҷавонон»** – асосҳои илмӣ-назариявӣ ва ҷанбаҳои бунёдии сиёсати ҷавонон мавриди омӯзиш фаро гирифта мешаванд, ҷавонон ва сиёсати ҷавонон, вижагиҳо, аҳамиятнокӣ ва тамоюлҳои онҳо дар шароити ҷомеаи муосир тасвия (муайян) карда мешаванд.

Изҳор карда мешавад, ки назария ва асосҳои амалисозии сиёсати давлат нисбат ба ҷавонон дар ҷаҳони муосир ба қадри кифоя асоснокшуда ва муҳим мебошанд.

Ба омӯзиши илмӣ-назариявӣ ва методологии ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоии фаъол ва фаъолнокии сиёсии онҳо ҳанӯз аз авалҳои асри 20 шуруъ кардаанд.

Вазъи заифи илмӣ-назариявии ҷавонон ва сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон ошкор карда шудааст, ҳол он ки аллакай даҳсолаҳо боз дар ҷаҳон, аз ҷумла дар фазои ИДМ мактабҳои машҳури илмии «сотсиологияи ҷавонон», «ювенология», «сиёсати ҷавонон», «адолати ювеналӣ» ва ғ. фаъолият мекунанд ва дар кишварҳои муайян ба сифати фанни мустақили илмӣ ва таълимӣ пазируфта шудаанд.

Саривақтӣ будан ва зарурати ташаккули низоми одилонаи муносибатҳои мутақобилаи байни давлат ва ҷавонон – сиёсати давлатии ҷавонон, ки дар шароити гузариш, демократикунонии ҷомеа, қонеъгардонии манфиатҳои ҷавонон ва фаъолноксозии сиёсии онҳо пайдо гардидааст, муайян карда шудааст.

Аҳамиятнокии махсус ва нақши ҷавонон ва сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон муайян карда шуд. «Сиёсати давлатии ҷавонон» ба сифати афзалияти соҳаи сиёсати иҷтимоии давлат муқаррар гардидааст. Ҳукумат, бахусус Сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ҷавонон аҳамияти хосса ва ғамхории доимӣ зоҳир менамоянд. Дар ҳамин асно ба ифтихори насли ҷавон ва саҳми онҳо дар бадастории истиқлолият, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва амнияти давлат соли 2017 Соли ҷавонон эълон мегардад.

Дар маҷмуъ, аз як тараф, бо дарназардошти вазъи заифи илмӣ-назариявии сиёсати ҷавонон ва аз тарафи дигар, аҳамиятнокӣ ва нақши баланди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон, таҳқиқи (таҳлилу омӯзиши) маҷмӯӣ ва амиқи ҷавонон ва чораёнҳои ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар мамлакат, бахусус бо дарназардошти татбиқи мактабҳои илмӣ-фаннии ҷаҳонии он дар шароити ҷумҳурӣ ва амалисозии вазифаҳои ниҳоят муҳими пешгузоштаи Ҳукумат дар сатҳи сифатан баланд, пешниҳод мегардад.

Дар параграфи дуюм – «**Баъзе вижагиҳои назариявӣ ва консептуалии рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» – назарияи нав дар соҳаи рушди сиёсати давлатии ҷавонон таҳия мегардад.

Муайян карда шуд, ки сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан аз рӯйи сохтори амудӣ амалӣ гардонида мешавад, яъне сохтори уфуқии идоракунии сиёсати ҷавонон, ки бо асосҳои демократӣ ва принсипҳои рушдёбӣ (маҳалликунӣ –

ғайримарказонӣ) тақозо мегарданд, амалан ба ҳисоб гирифта нашудааст. Бинобар ин, барои амалисозии босамари сиёсати давлатии ҷавонон зарур аст, ки ҳар ду сохтор, ҳам амудӣ ва уфуқӣ рушд дода шаванд. Ин модели комилан нав дар соҳаи амалисозии сиёсати ҷавонон аст, ки ба сифати усули системавӣ, ки аз технологияҳои идоракунии ниҳодҳои сиёсӣ ва принсипҳои демократии рушд бармеояд, пешниҳод мегардад (аз ҷониби муаллиф).

Ҳамчунин, усулҳои бонизоми консептуалӣ бо дарназардошти маҷмӯи сохторҳои амудӣ ва уфуқӣ, амалҳои байнисоҳавӣ ва интерактивӣ, чораҳои ҳамоҳангсозанда ва баҳогузорандаи фарогири мушкилоти воқеии ҷавонон ва таҳияшуда бар асоси дигаргунсозиҳои демократӣ, ки метавонанд амалисозӣ ва рушди устувори сиёсати давлатии ҷавононро таъмин созанд, коркард шудаанд.

Дар параграфи сеюм – «**Вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии байни ҷавонон дар Тоҷикистон дар робита ба амалисозии афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон**» – вазъи умумии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷавонон ва сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон таҳлил карда шуда, проблемаҳои нисбатан мубрами онҳо дар шароити ҷомеаи муосир ошкор карда мешавад.

Маълум карда мешавад, ки Тоҷикистон аз ҳама кишвари ҷавонтарин дар байни кишварҳои ҷаҳон буда, аҳолии ҷавони он афзоиш дорад, бинобар ин, низоми кор бо ҷавонон дар робита ба амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон бояд иқтидори устувор дошта бошад, ки ба ҳамаи талаботи пуртазоди ҷомеаи муосир истодагарӣ карда тавонад.

Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти сотсиологӣ (таҳқиқотӣ), оморӣ, иттилоотӣ ва таҳлилӣ масъалаҳои (вазъи) иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷавонон ғайриқаноатбахш арзёбӣ карда мешавад, дар байни ҷавонон дар робита ба амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон, бахусус афзалиятҳои интихобшуда мушкилоти зиёди гуногуншакл мавҷуданд, ки мудохилаи бонизоми байнисоҳавӣ ва бисёрҷанбаро талаб мекунанд.

Ҳамчунин, ошкор карда мешавад, ки низоми сиёсати давлатии ҷавонон асосан хусусияти иттилоотӣ-ниҳодӣ ва техникӣ (амалӣ) дорад, ҷанбаҳои илмӣ-методологӣ, маслиҳатӣ-машваратӣ ва касбӣ-таълимии он бошад, ки асосҳои ҳуқуқӣ доранд, дар сатҳи зарурӣ амалӣ намешаванд, яъне он номукаммал арзёбӣ мегардад.

Дар робита ба ин: сатҳи амалисозии асосҳо ва вазифаҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паст баҳогузорӣ мегардад, чун: рисолати асосӣ – рушди ҷавонон, бахусус иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ба қадри кифоя ноилгардида ба ҳисоб намераванд; дар байни ҷавонон афзоиши бемориҳои махсусан хавфнок, ба монанди бемориҳои ба воситаи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, вируси но-

расоии масунияти бадан/бемории пайдошудаи норасоии масуният, нашъамандӣ ва сил ба назар мерасанд; низоми ҳозираи маориф қонеъгардонии талаботи иҷтимоӣ-шахсиятии ҷавононро дар шароити ҷомеаи муосир кафолат намедиҳад; бозори маориф дар таносуб ба бозори меҳнат ихтилофоти зиёд доранд, дар натиҷа қисми зиёди ҷавонон пас аз хатми таҳсил бо ҷойи корӣ таъмин гардида наметавонанд; шахсони ҷавони имконияташон маҳдуд, ба монанди маъюбон, ятимон ва бепарасторон ҷиҳати дастрасӣ ба хизматрасонии маориф ва тиббӣ имконияти маҳдуд доранд; бекорӣ дар Тоҷикистон дар байни ҷавонон афзоиш дорад, ки аз як тараф, сатҳи баланди таваллуд ва аз тарафи дигар, сатҳи пасти маърифати иқтисодии ҷомеа ва ҷавонон ба ин ҳолат боис мегарданд; сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон, махсусан ноболиғон афзоиш дорад; ҷавонон бинобар дуруст дарк накардани рисолати дини мубини Ислом бештар ҷабр дида, ба доми фиреб, дурӯғ ва таҷовуз меафтанд; афзоиши ҳолатҳои экстремистӣ дар байни шаҳрвандони ҷавон ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ-ахлоқии ҷавонон дар маҷмуъ мебояд механизмҳои муносиб ва модели ягонаи амалисозии афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавононро таҳия ва амалӣ гардонид; ки маҳз ҳамин тадбир (масъала) дар доираи таҳқиқоти мазкур пешниҳод гардидааст. Бахусус, зарур аст, ки заминаи илмӣ-назариявӣ, таҳлилӣ ва технологии сиёсати давлатии ҷавонон таҳким бахшида шавад, нисбат ба ҷавонон таҳлилу таҳқиқотҳои мураттаби индуктивӣ, дедуктивӣ ва мониторинги амалисозии тадбирҳои дахлдор гузаронида шаванд, ҳамчунин мунтазам мушкилоти мубрами ҷавонон ошкор ва ҳал карда шаванд.

Боби дуюм – **«Вижагиҳои ҳамкории ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ҳамчун технологияи нави рушди сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – масъалаҳо, вазифаҳо, афзалиятҳои асосӣ (механизм) ва ҷараёнҳои амалигардии сиёсати давлатии ҷавононро баррасӣ менамояд, асосҳои амалҳои мутақобилаи байни ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусиро дар робита ба рушди сиёсати давлатии ҷавонон нишон медиҳад.

Дар параграфи якум – **«Масъалаҳо, вазифаҳо, афзалиятҳои асосӣ (механизм) ва раванди амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – вазъи умумӣ ва равандҳои амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон арзёбӣ карда мешавад.

Изҳор мегардад, ки сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан ташаккулёфта ба ҳисоб меравад, он қисми таркибии сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ, фарҳангӣ

ва рушди миллии мамлакат буда, тахти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати кишвар қарор дорад, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул ва амалӣ гардида истодаанд. Сиёсати давлатии ҷавонон, ин низоми томи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилию идоракунӣ, молиявӣ–иқтисодӣ, илмӣ, ахборотӣ, хусусиятҳои кадридоштаро, ки барои ташкили шароити зарурӣ ба ҷавонони кишвар ҷиҳати интихоби роҳи ҳаётии худ равона гардидааст, ифода мекунад. Бо вуҷуди ин, сифати амалисозии он чандон хуб нест, хусусан ҳадафҳо ва вазифаҳои он, ки аксари онҳо бинобар сабаби иқтидори заифи ниҳодӣ ҳалли худро намеёбанд.

Мутаносибан, афзалиятҳои асосӣ ба сифати механизми нишондодии сиёсати давлатии ҷавонон бо дарназардошти масъалаҳои мубрами аввалиндараҷа ва аҳамиятноки ҷавонон ҷорӣ карда шуд. Дар ин ҷо яке аз сабабҳо ё ин, ки асосҳои таҳияи самтҳои афзалиятноки мушаххаси сиёсати давлатии ҷавонон, новобаста аз заминаҳои ташаккулёфтаи қонунгузорӣ ва ниҳодӣ, ин номуайянии он барои омма – субъектҳои раванд ва шаҳрвандон мебошад. 10 самтҳои афзалиятноки пешниҳодшуда (аз ҷониби муаллиф), ин механизми (чаҳорчӯбаи) ҳамбастаи амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати асос – технологияи бунёдии (заминавии) рушди сиёсати ҷавонон мебошад.

Дар параграфи дуюм – **«Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалисозии сиёсати ҷавонон ва тамоюлҳои амалҳои мутақобилаи он бо ҷавонон»** – масъалаҳои иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, вижагӣ ва тамоюлҳои амалҳои мутақобилаи онҳо, ҳамкорӣ ва шарикӣ дар соҳаи амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Тавзеҳоти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити ошкорсозии манфиатҳои умумӣ зимни амалҳои мутақобила бо ҷавонон ҳамчун қисми фаъоли ҷомеа оварда мешавад.

Изҳор карда мешавад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ниҳоди фаъоли демократия ҳамаи рисолат/ухдадориҳои ҳақиқӣ ва вобастаи худро иҷро намекунад. Илова бар ин, баъзе ниҳодҳои он, ба монанди оила ва дин дар ҳолатҳои муайян нисбат ба амалисозӣ ва рушди меъёрҳои демократӣ муқобилият ва аксуламали регрессивӣ нишон медиҳанд. Дар шароити демократикунонии ҷомеа, ниҳоди дигар – иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонистанд саҳми хеле зиёд дар рушди масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ гузоранд, дар натиҷа қисме аз сарбории давлат, махсусан дар самти амалисозии сиёсати ҷавонон ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта мешуд, чи тавре чунин таҷриба дар Ғарб амалӣ мегардад. Аммо онҳо асосан дар шароити шаҳрҳо фаъолият мекунанд, дар баробари ин, дар муқоиса

ба минтақа иқтидори хеле заифи амалӣ, кадрӣ ва техникӣ доранд. Теъдоди ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз рӯйи шумора дар Тоҷикистон нисбат ба минтақа ба маротиб кам аст.

Муайян карда шуд, ки ниҳоди навтарин, аммо нисбатан пуриқтидори хусусияти коммуникативӣ–техникӣ дошта – Интернет метавонад чи дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва чи давлат саҳми хеле зиёд дошта бошад. Аммо ин ниҳод вақтҳои охир ба василаи таҷовузкорӣ ва бадкорӣ дар ҷомеа табдил ёфтааст, бинобар ин, он на дар ҳама ҷо дастрасии васеъ дорад. Равонсозии дурусти ин захира, ин усули муосири тарбияи ҷавонон ва рушди сиёсати ҷавонон мебошад.

Дар навбати худ, аз ҷониби Ҳукумат якчанд бастаҳои иқдомотро баҳри дастгирии грантии лоиҳаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ мегарданд; тибқи қонунгузорӣ ба оила дар таълиму тарбияи фарзандон бартариятҳои зиёд пешбинӣ шудаанд, аммо амалисозии самараноки онҳо беҳбудиро талаб мекунад.

Изҳор мегардад, ки танҳо дар сурати муттаҳидсозӣ ва ҳамгиро сохтани иқтидорҳои ҳамаи тарафҳо – ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва худи ҷавонон мумкин аст, ки ба меъёрҳо ва арзишҳои умумиқабулшудаи ҷомеаи демократӣ, соҳибихтиёр ва ҳуқуқбунёд ноил гардид.

Дар параграфи сеюм – «**Вижагиҳои амалҳои мутақобилаи бахши хусусӣ бо ҷавонон**» – масъалаҳои робитаҳо ва амалҳои мутақобилаи байни бахши хусусӣ ва ҷавонон вобаста ба рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон таҳқиқ мегарданд.

Иброз мегардад, ки дар Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои низоми иқтисоди бозаргонӣ барои бахши хусусӣ шароити зарурӣ (як қатор қонунгузорӣ қабул карда шуда, имтиёзҳои муайян роҳандозӣ гашта, реҷаи дастгирии мунтазами бахши хусусӣ муқаррар карда шудаанд) фароҳам гардидаанд ва ҷавонон дар ин самт яке аз субъектҳои асосӣ арзёбӣ мегарданд, чун қисми зиёди аҳолии фаъоли иқтисодиро онҳо ташкил медиҳанд. Аммо нерӯи зеҳнӣ, дониш ва малакаи соҳибкорон, бахусус ҷавонон ба таври кифоя рушд наёфтааст.

Ҷавонон, новобаста аз иқтидори пасти иқтисодӣ метавонад ҳамчун сармоягузорони дохилӣ пазируфта шаванд, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ, ки саҳми маблағгузории онҳо ба беҳтаргардонии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа (оилаҳо) хеле зиёд аст. Аммо ин сармояҳо бесамар гузошта мешаванд, онҳо хусусияти баргардандагӣ надошта, танҳо дар корҳои маишӣ харҷ мегарданд.

Муайян карда мешавад, ки мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тарғиби сиёсати давлатиро дар соҳи соҳибкорӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондаанд,

бахусус ин ба иттилоотноксозии ҷавонон оид ба шароит ва имкониятҳои кушодани тиҷорати худ алоқаманд аст. Кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба таҳия ва амалисозии барномаҳои ҳудудии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ мегардад, дар ҳоле ки маҳз ҳамин ниҳод бояд ба рушди соҳибкорӣ ҳавасманд бошад, то ки ҷойҳои нави корӣ ташкил шаванду, хазинаи мақомоти маҳаллӣ пур гардад.

Зикр мегардад, ки тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар робита ба рушди бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ васеъ гардонидани фаъолияти инноватсионӣ муқаррар гардидааст, ки бо мақсади ҳамин таҳқиқот – коркарди механизми муттаҳидсозии иқтидорҳои ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар амалисозии сиёсати ҷавонон, мувофиқ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбасти боби мазкури таҳқиқот дар робита ба муттаҳидсозии се сохторҳои мустақили ҷомеа – ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ – дар амалисозии манфиатҳои умумӣ, ки онҳоро ҷавонон ифода мекунад ё ин ки бахши (ҷониби) чорум – сиёсати давлатии ҷавонон, мо метавонем формулаи математикие ҳосил кунем: МБАМБ=СДҶ/Ҷ*(ҶШ+БХ), ки дар инҷо СДҶ – сиёсати давлатии ҷавонон, МБАМБ – модели байнисоҳавии амалҳои мутақобилаи бонизом, Ҷ – ҷавонон, ҶШ – ҷомеаи шаҳрвандӣ, БХ – бахши хусусӣ. Дар ин ҷо СДҶ ҷавонон ва сохторҳои дигарро ба сифати объект баррасӣ мекунад, ҳамзамон ҷавонон барои ҳамаи сохторҳо объект мебошад.

Боби сеюм – **«Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҷанбаҳои идеологии сиёсати давлатии ҷавонон: вижагиҳо ва тамоюлҳо»** – заминаи қонунгузории сиёсати давлатии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешравӣ ва ақибмонии онро дар шароити ҷомеаи муосир таҳқиқ мекунад, ҳамчунин заминаҳои идеологии сиёсати ҷавононро ҳамчун механизми ҳадафманди маърифатнокӣ ва маълумотнокии ҷавонон муайян месозад.

Дар параграфи якум – **«Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавононро дар Тоҷикистон, пешрафт ва ақибмонии он дар шароити ҷомеаи муосир»** – заминаи қонунгузории сиёсати давлатии ҷавонон ва имкониятҳои ҳуқуқии ҷавонон дар Тоҷикистон таҳлил ва баҳогузорӣ карда мешавад.

Изҳор мегардад, ки қадами аввалин дар қонунигардонии сиёсати мазкур, ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» дар моҳи марти соли 1992 ба ҳисоб меравад, ки чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои амалисозии сиёсати давлатии ҷавононро муайян сохтааст. Минбаъд, ба сифати механизми татбиқи қонуни асосӣ ва устуворсозии иқтидори сиёсати

давлатии ҷавонон дар ҷумҳурӣ «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» ва Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон», ки ҳар се сол аз соли 1999 инҷониб қабул мегардад, то ба имрӯз таҳия ва амалӣ карда мешаванд. Дар ду давраи охир – барои солҳои 2013–2015 ва 2016–2018 – Барномаи мазкур ба «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйири ном мекунад.

Бо вуҷуди ин, сатҳи (мақоми) татбиқи/амалисозии заминаҳои қонунгузории сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон, умуман, ғайриқаноатбахш арзёбӣ мегардад, зеро қисми зиёди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва низомии қонунгузорӣ оид ба ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон амалӣ нагардидаанд.

Таҳқиқот муносибати яктарафаро дар низоми идоракунӣ ва амалисозии санадҳои қонунгузорӣ ошкор намуд, ки ба принсипҳои сиёсати давлатии ҷавонон мухолифат дорад. Иштирокчии асосии ҷараён мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон мебошад, иштироки идораҳои дигар ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон нокифоя ва хеле заиф арзёбӣ мегардад.

Ҳамчунин, номутобиқатии сатҳи таъминоти касбии сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла дар таҳия ва амлисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мазкур муайян карда шуд. Бинобар ин, аз ҷониби муаллиф, механизми омодасозии кадрӣ барои низоми соҳаи кор бо ҷавонон, аз ҷумла оид ба масъалаҳои банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва баҳогузорӣ дар соҳаи татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон пешниҳод гардидааст.

Дар параграфи дуюм – «**Вижагиҳои идеологии сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун механизми ҳадафманди маълумотнокӣ ва маърифатнокии ҷавонон»** – моҳияти идеология ва нақши он дар рушди маънавӣ ва сиёсии ҷавонон омӯхта мешавад, идеологияи давлатӣ / миллӣ муайян карда мешавад, ҳамчунин ҷанбаҳои идеологии сиёсати давлатии ҷавонон оварда мешаванд.

Муайян карда мешавад, ки идеология ин маҷмӯи ғояҳо, назарҳо ва арзишҳои умумиқабулшудаи инъикоскунандаи нерӯи равонӣ ва манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, аз ҷумла давлат ва ҷомеа мебошад. Аммо бахше аз ҷомеа, аз ҷумла баъзе ходимони сиёсӣ оид ба рисолати аслии идеология тасаввуроти нодуруст доранд, бинобар ин, онро ҳамчун ҷузъи фаъолияти давлатӣ эътироф намекунанд. Зимнан, бо истифода аз ин ҷойи холӣ ба василаҳои идеологӣ бештар гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, барои расидан ба манфиатҳои шахсӣ – ғасби ҳокимияти сиёсӣ, ихтиёрдорӣ (истифода)

мекунанд, ки дар натиҷа ба консепсияи мазкур таърифҳои манфӣ рабт дода мешаванд.

Бо вуҷуди ин, дар рафти таҳқиқот далелҳои алоҳидаи татбиқёбии идеологияи давлатӣ дар ҷомеаи муосири демократӣ ошкор мегарданд. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон идеологяии давлатӣ (миллӣ) ҳамчун *таълим (омӯзонидан), талқин ва рӯҳбаландии ҷомеа ба хусусиятҳои (асосҳои) демократӣ, озодӣ, мустақилият ва фарҳангии арзишҳои ҳаётӣ* тасвия (изҳор) карда мешавад.

Муайян карда мешавад, ки сиёсати давлатии ҷавонон, ин низоми муносибатҳои мутақобила ва ифодакунандаи нерӯи зеҳнӣ ва рӯҳии шаҳрвандони ҷавон буда, манфиатҳои давлатро ба нафъи ҷомеа ва рушди оянда муаррифӣ ва ҳифз менамояд, яъне татбиққунандаи идеологияи давлат дар байни ҷавонон мебошад. Бинобар ин, бо амалисозии босамари сиёсати давлатии ҷавонон, мо ҷомеаи аз нигоҳи идеологӣ маърифатнок ва обутобёфтаро, бо қобилияти муқовимат карда тавонистан бар ҳама намуди ситезаҳо, зуҳуроти номатлуб ва ҳифзкунандаи тамомияти давлат ва Ватани худ, ба даст меорем.

Ҳамин тариқ, муаллиф сиёсати давлатии ҷавононро ба сифати механизми тавоно ва устувори амалисозандаи асосҳои идеологии давлат – таълим ва талқини ҷавонон ба вижагиҳои демократӣ, озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва арзишҳои фарҳангии ҳаёт бо усулҳои амалҳои мутақобилаи байнисоҳавӣ ва маҳаллии ниҳодҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, муайян мекунад.

Боби чорум – **«Баъзе технологияҳои рушди устувори сиёсати ҷавонон дар шароити демократикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – Модели рушди мураттаби сиёсати ҷавононро дар шароити дигаргунсозии демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар робита ба соҳаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон таҳия гардидааст, баррасӣ (пешниҳод) мекунад; иштироки ҷавонон ва нақши иттиҳодияҳои ҷавонон дар дигаргунсозии демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ташаккули парламентаризми ҷавонон дар Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ ҳамчун механизми устувори иштироки сиёсии ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа.

Дар параграфи якум – **«Иштироки ҷавонон ва нақши иттиҳодияҳои ҷавонон дар дигаргунсозии демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – асосҳои консептуалӣ ва аҳамияти «иштироки ҷавонон» дар рушди ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҳаёти ҷомеа тафсир карда мешавад.

Вобаста ба аҳамиятнокии иштироки ҷавонон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот

бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 иброз намуданд, ки: «*Табиист, ки бе иштироки фаъолонаи чунин нерӯи бузург рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии давлатамонро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, мо иштироки ҳамаҷонибаи ҷавонони кишварро дар раванди ободкориву созандагии Ватани муқаддасамон ҳамеша дастгирӣ намуда, барои беҳтар гардонидани шароити зиндагиву таҳсил, касбомӯзӣ ва фаъолияти босамари онҳо тамоми тадбирҳои заруриро андешида истодаем.*».

Нақши ҷавонон дар демократикунонии ҷомеа бинобар зиёд будани теъдоди онҳо нисбат ба дигар қишрҳои аҳолӣ, доштани қобилияти тадбилёбӣ ва қувваи зиёд дар тафовут бо насли калонсол, ҳамчунин бинобар захираи асосии меҳнатиро ташкил намудани онҳо, хеле аҳамиятнок арзёбӣ мегардад.

Мафҳуми «иштироки ҷавонон» ҳамчун консепсияи муосири фаъолнокии сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва интизомии (рафтории) ҷавонон, ки барои рушди гуманистӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа, таъмини устуворӣ ва таҳкими иқтидори кадрии идоракунии давлатӣ, истифодаи босамари захираҳои зеҳнӣ ва меҳнатӣ, кафолати афзоиши муътадил, бехатарӣ ва рушди демократии давлат зарур мебошад, тасвия (муайян) карда мешавад. Аммо амалисозии консепсияи «иштироки ҷавонон», ки ба низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон дохил мебошад, ба беҳбудӣ ниёз дорад, зарур аст, ки тадбирҳои маҷмӯии давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷиҳати ноил гардидан ба натиҷаи дилхоҳ амалӣ гардонида шаванд.

Маълум мегардад, ки дар шароити таҷрибаи байналмилалӣ иштироки ҷавонон бо роҳи муттаҳидсозии иқтидорҳои шаҳрвандони ҷавон аз тариқи иттиҳодияҳои ҷавонон таъмин карда мешавад. Вале дар Тоҷикистон вазъи иттиҳодияҳои ҷавонон хеле паст арзёбӣ мегардад, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои ҷавонон, иқтидори заруриро барои рушд надоранд.

Муаллиф механизми «иштироки ҷавонон»-ро дар ду намуд – бевосита ва бавосита ва ҳафт сатҳ – байналмилалӣ, байниминтақавӣ, миллӣ, минтақавӣ, ноҳиявӣ-шаҳрӣ, маҳаллӣ, ҳамчунин ба якчанд самт, ки асоситарини онҳо инҳоянд иҷтимоӣ–иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ-этикӣ, шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешниҳод менамояд.

Дар параграфи дуюм – **«Ташаккули парламентаризми ҷавонон дар Тоҷикистон ва мамлакатҳои ИДМ ҳамчун механизми устувори иштироки сиёсии ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа»** – моҳияти парламентаризми ҷавонон, таҷриба ва амалияи татбиқи он бо дарназардошти усули нисбатан самараноки амалисозӣ ва фаъолгардонии ин модел дар Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Изҳор карда мешавад, ки парламентаризми ҷавонон – ин низоми намояндагии манфиатҳои ҳуқуқӣ ва қонунии ҷавонон ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ мебошад, ки барои таъсис ва фаъолият дар заминаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ё бо тартиби муқаррарнамудаи онҳо ҳамчун сохтори махсуси ҷамъиятии маслиҳатӣ-машваратии ҷавонон – парламенти ҷавонон, инчунин ниҳодҳои дигари ҷамъиятӣ ҷиҳати иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ асос меёбад[1].

Паламентаризми ҷавонон ҳамчун иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷамъият дар шароити демократикунонии муносибатҳо воситаи муҳим ва муосир дар миқёси ҷаҳонӣ муайян карда мешавад. Умуман, ҳамаи давлатҳои иштирокчии ИДМ-ро моҳияти ғояи парламентаризми ҷавонон – фаъолнокии сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон муттаҳид месозад: ҳама татбиқи онро дар низоми давлатии қонунгузорӣ (намояндагӣ) дастгирӣ менамоянд, ки шаҳодати ин қарори Шӯрои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ дар бораи таъсиси Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ аз 22.11.2012, №47 ба ҳисоб меравад[2]. Аммо масъалаҳои ҷорӣ намудани парламентаризми ҷавонон дар Тоҷикистон ба мисли давлатҳои дигари ИДМ, ба ғайр аз Россия, ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ карда мешавад.

Тадқиқот зарурати ҷалби ҷавононро ба равандҳои қонунгузорӣ, сиёсӣ ва иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳамчун василаи муҳимтарини рушди демократии ҷомеа вобаста ба рушди парламентаризми ҷавонон ҳамчун мактаби омодагии кадрҳои ҷавони дорои малакаи идоракунӣ ва қонунэҷодкунӣ, донишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ асоснок мекунад.

Ҳамин тариқ, муаллиф механизми таъсис, танзим ва рушди парламентаризми ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар давлатҳои иштирокчии ИДМ, бо истинод ба моҳият ва таҷрибаи бадастоварда дар соҳаи ташаккули парламентаризми ҷавонон, бахусус амалисозии бонизом ва аҳамиятнокии ҷаҳонии он, пешниҳод менамояд.

Дар параграфи сеюм – **«Модели рушди мураттаби сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба амалҳои мутақобилаи байни ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳвандӣ ва бахши хусусӣ»** – заминаҳои назариявӣ ва асосҳои консептуалии рушди сиёсати ҷавонон баррасӣ мешаванд, инчунин усули рушди

[1] Молодежный парламентаризм [Манбаи электронӣ]: Википедия. - 2015. - Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Молодежный_парламентаризм

[2] Положение о Молодежной межпарламентской ассамблее государств-участников СНГ [Электронный ресурс] – СПб: 2015.- Режим доступа: http://www.iacis.ru/upload/iblock/346/polozhenie_o_mmpa.pdf

мураттаби сиёсати ҷавонон тариқи муттаҳид намудани иқтидорҳои тарафҳои алоҳида ва гуногун, чи худи ҷавонон ва чи ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар доираи татбиқи афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар карда мешавад.

Иброз кардан зарур мегардад, ки дар назрия сиёсати ҷавонон асос дорад, он дар шароити аксари кишварҳои ҷаҳон ташаккулёфта ҳисобида мешавад, он қонунӣ буда, ҷузъи сиёсати давлатиро ташкил дода, ҳамчун механизми саривақтии фаъолноксозӣ ва рушди ҷавонон эътироф гардида, низоми идоракунии худро дорад, самаранокии он аз ҷониби фондҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатии молиявӣ тавассути татбиқи моддаҳои буҷетии пешбинишуда, барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳо таъмин карда мешавад, ки мавзӯи омӯзиш ва тадқиқоти илмҳои гуногун аз ҷумла, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, фалсафа, ҳуқуқ, равоншиносӣ ва педагогика мебошад. Зимнан, нашрияҳои гуногуни илмӣ интишор мегарданд, шумораи зиёди ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотӣ амал мекунанд, касб ва ихтисоси «оид ба корҳои ҷавонон» ё «кор бо ҷавонон» дар амал мебошанд. Аммо усулҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар кишварҳои гуногун мухталифанд. Дар баъзе кишварҳо ба он таваҷҷуҳи махсус дода шуда, ба сохторҳои афзалиятноки давлатӣ дохил карда шудааст, ки маблағгузории устувор дорад, ҳамчунин бо кадрҳо низоми идоракунии давлатро таъмин менамояд. Ҳамзамон дар кишварҳои дигар он ба сифати самти алоҳида татбиқ мегардад, ки боиси ба миён омадани мушкилот мебошад, зимнан он маблағгузории заиф дошта, дар сатҳи зарурӣ ҳамчун низом эътироф намегардад.

Муаллиф пешниҳод мекунад, ки заминаи консептуалии сиёсати ҷавонон дар сатҳи ҷомеаи байналмилалӣ мустаҳкам карда шавад, соҳаи «кор бо ҷавонон» ба сифати касб/ихтисос эътироф гардад, марказҳои байналмилалии таълимӣ таъсис дода шаванд ва барномаҳои мубодилаи байналмилалӣ ва коромӯзӣ таҳия гарданд.

Инчунин, ҷиҳати рушди сиёсати давлатии ҷавонон усулҳои мудохилаи амудӣ, уфуқӣ ва бисёрсоҳавӣ, таъсиррасонӣ бо масъулияти байнифаннӣ/интизомнокӣ ва принсипиалӣ дар асоси вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ва аҳлоқӣ-этикии ҷавонон дар ҷомеа пешниҳод гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки сиёсати ҷавонон аллакай якчанд даҳсолаҳост, ки (оғоз аз асри гузашта) дар ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон амалӣ мешавад, аммо мақсад ва вазифаҳои он, то ҳол ба қуллаи худ нарасидаанд ва ба таъиноти воқеии ин сиёсат ҷавобгӯ нестанд. Мушкилоти асосӣ, ин истифодаи усулҳои гуногун дар

татбиқи сиёсати ҷавонон аст, ки дар навбати худ, на ҳама вақт ба комёбӣ оврда мерасонанд. Чи тавре таҳқиқот нишон медиҳад, ҷавонон, амалан дар ҳама ҷо мушкилоти монанд ва роҳи ягонаи рушд доранд. Ин маънои онро дорад, ки усулҳои татбиқи сиёсати ҷавонон набояд ихитилофу фарқияти калон дошта бошанд. Мутаносибан, барои муваффақ гардидан дар татбиқи сиёсати ҷавонон, бояд тарзу усули муайян ва хос ба масъалагузории ҷавонон, хусусият, талабот ва шароити рушд риоя карда шаванд.

Дар робита ба ин, бар асоси назария ва технологияҳои таҳияшуда (коркардшуда) – муаллиф – механизми ягонаи стратегии таъминкунандаи устуворӣ ва рушди сиёсати ҷавононро дар шароити демократикунонии чомеа – Модели рушди устувори сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамояд. Модел бо дарназардошти таъмини илмӣ-назариявӣ ва консептуалӣ, такмилдиҳӣ ва рушди низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон пешниҳод мешавад. Консепсияи мазкур роҳу усулҳои стратегӣ, муосир, дастрас ва воқеии татбиқи/амалисозии афзалият-ҳои асосии сиёсати давлатии ҷавононро [Модел ҳамагӣ аз даҳ самтҳои афзалиятнок иборат мебошад: 1) иштироки ҷавонон; 2) шуғли ҷавонон; 3) тарзи ҳаёти солими ҷавонон; 4) таҳсилоти муносиби ҷавонон; 5) таъминоти иҷтимоии ҷавонон; 6) таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон; 7) мустақилияти иқтисодии ҷавонон; 8) ватандӯстии ҷвонон; 9) рафтори муносиб ва фарҳанги ҷавонон; 10) ҷанбаҳои ниҳодӣ ва илмӣ-назариявии сиёсати давлатии ҷавонон] дар робита ба амалҳои мутақобилаи байнисоҳавии мураттаби ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусиро фаро мегирад.

**Дар хулоса натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ тасвия (муайян) карда шудаанд**.

Иброз карда мешавад, ки ба таври куллӣ сиёсати давлатӣ нисбат ба ҷавонон дар Тоҷикистон амалӣ мегардад, низоми сиёсати давлатии ҷавонон амал мекунад, мутаносибан, шаҳрвандони ҷавон бевосита ва бавосита бо хизматрасониҳои муайяни ин ниҳод фаро гирифта шудаанд. Аммо ҳам масъалаҳои умумӣ ва ҳам асосҳои бонизоми татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷумҳурӣ ниҳоят заиф ва ғайриқаноатбахш арзёбӣ шудаанд. Мавҷуд набудани механизмҳои мураттаби муосир – технологияҳое, ки ба рушди устувори сиёсати ҷавонон мусоидат мекарданд, муайян карда шуд, аз ҷумла: (1) низоми омӯзиши маҷмӯӣ ва мақсадноки сиёсати ҷавонон ва омода намудани мутахассисони соҳаи сиёсати ҷавонон, (2) сохторҳои (мақомоти) кор бо ҷавонон дар сатҳи мақомоти маҳаллии худидоракунии шаҳраку деҳот, (3) механизми дастгирии муътадили/устувори иттиҳодияҳои ҷавонон, (4) шарикии

мутақобилаи байни иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва бахши хусусӣ. Инчунин, вазъу ҳолати (масъалаҳои) ғайриқаноатбахши иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷавонон ва асосҳои хеле заифи илмӣ-методологӣ, машваратӣ-маслиҳатдиҳӣ ва касбӣ-таълимии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон муайян карда шуд.

Вобаста ба ин, дар таҳқиқот асосҳои илмӣ-назариявӣ, методологӣ ва амалии сиёсати ҷавонон ва вазъи воқеии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар баъзе кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар ин самт мавриди омӯзиш фаро гирифта шудаанд. Мушкилоти умумӣ ва махсус, системавӣ ва заминавӣ, ки ба пешравӣ ва рушди сиёсати ҷавонон таъсир мерасонанд, ошкор карда шудаанд. Барои ҳалли мушкилоти ошкоршуда технологияҳои муосири дар сатҳи ҷаҳонӣ санҷидашуда ва дар шароити Тоҷикистон мутобиқкарда-шуда, бахусус модели рушди мураттаб ва устувори сиёсати ҷавонон пешниҳод карда шуданд.

Изҳор мегардад, ки дар Тоҷикистон бо дарназардошти аҳамиятнокии махсус ва нақши ҷавонон дар рушди ҷомеа «сиёсати давлатии ҷавонон» ба сифати соҳаи афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат муайян карда шудааст. Ҳукумат, бахусус Сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои рушди ҷавонон таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус зоҳир менамоянд. Мутаносибан, омӯзиши маҷмӯӣ ва амиқи ҷавонон ва ҷараёнҳои рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон, бахусус бо дарназардошти татбиқи мактабҳои илмӣ-фаннии он дар шароити мамлакат, зарур ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи натиҷаҳои (хулосаҳои) бадастовардашударо ҷамъбаст намуда, таҳқиқот Модели универсалии рушди мураттаб ва устувори сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар робита ба амалҳои мутақобилаи байни ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шахрвандӣ ва бахши хусусӣ муайян менамояд. Модели пешниҳодшуда ба: (1) вазъи воқеии ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла заминаҳо, захираҳо ва имкониятҳои ташаккулёфтаи қонунгузорӣ, назариявӣ, методӣ ва амалӣ асос меёбад. Дар баробари ин, Модел (2) дар асоси самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон ба сифати чаҳорчӯбаи (хатти) ягонаи мутақобилан ба ҳам алоқаманд ва вобаста бо дарназардошти ташаккули заминаи устувори илмӣ-назариявӣ, такмил ва фаъолияти амалии низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон ва рушди ҷавонон дар шароити демократикунонии ҷомеа тартиб дода шудааст. Модел фарогири вазифаҳое мебошад, ки дар навбати худ (3) аз шароит, мушкилот ва таҷрибаи андухтаи назариявӣ, методологӣ ва таҳлилии дар соҳаи амалисозӣ ва рушди сиёсати ҷавонон, мутобиқшавии иҷтимоӣ,

фаъолнокии ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷавонон муайяншуда бармеоянд. Дар баробари ин, Модел (4) роҳу усулҳои муосир, дастрас ва воқеии татбиқи (амалисозии) ҳар як афзалиятҳоро бо дарназардошти иштироки ҷавонон (дар маҷмуъ), дастгирии давлатӣ, нақш ва имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва саҳми бахши хусусӣ дар рушди сиёсати ҷавонон фаро мегирад.

Умуман, диссертатсия дар робита ба рушди мураттаб ва маҷмӯии сиёсати давлатии ҷавонон ва беҳтаргардонии вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар шароити демократикунонии ҷомеа ба анҷом расонида шудааст. Мутаносибан, амалисозии технологияҳои коркардшуда (таҳияшуда) ва пешниҳодшуда, бахусус Модели рушди мураттаби сиёсати ҷавонон рушди илмӣ-назариявӣ, методӣ, стратегӣ, мураттаб ва устувори сиёсати давлатии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

## АННОТАЦИЯ

В данной исследовании рассмотрены эмпирические, теоретико–методологические вопросы и идейно–концептуальные основы, особенности и тенденции формирования молодежной политики в Таджикистане. Проведены многоаспектные анализы, наблюдения и социологические исследования опытов и процессов реализации молодежной политики и молодежной проблематики, выявлены множество проблем системно–институционального, поведенческого и интеллектуального характера. Выработаны технологии (модель) систематического и устойчивого развития молодежной политики в условиях демократизации в Республике Таджикистан с принципом взаимодействия политической власти, гражданского общества и частного сектора и в рамках основных приоритетов государственной молодежной политики, включающих систему институционализации, теоретическую концепцию реализации (развития) государственной молодежной политики горизонтальными и вертикальными структурами (подходами), механизм развития молодежной политики в контексте реализации идеологических особенностей государства, концепцию участия молодежи в политической жизни общества, модель молодежного парламентаризма.

## АННОТАТСИЯ
## (шарҳи мухтасар)

Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои эмпирикӣ, назариявӣ–методологӣ ва асосҳо, вижагиҳо ва тамоюлҳои ғоявӣ–консептуалии ташаккулёбии сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Таҳлилҳои бисёрҷанба, мушоҳидаҳо ва таҳқиқоти таҷрибаҳо ва ҷараёнҳои амалисозии сиёсати ҷавонон ва масъалагузории ҷавонон гузаронида шуда, зимнан мушкилоти зиёди дорои ҷанбаи низомӣ–ниҳодӣ, рафторӣ ва маънавӣ (зеҳнӣ) муайян гардиданд. Технологияҳои рушди мураттаб ва устувори сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити демократикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо принсипи амалҳои мутақобилаи ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ва дар доираи афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон таҳия (коркард) карда шуданд, ки системаи ниҳодисозӣ ва консепсияи назариявӣ–ғоявии амалисозии (рушди) сиёсати давлатии ҷавононро бо сохторҳои (усулҳои) амудӣ ва уфуқӣ, механизми рушди сиёсати ҷавононро дар робита ба амалисозии вижагиҳои идеологии давлат, консепсияи иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва модели парламентаризми ҷавононро фаро мегиранд.

## ANNOTATION

In this research are being considered the empirical, theoretical, and methodological questions, ideological and conceptual basis, peculiarities and tendency of formation of youth policy in Tajikistan. There are conducted multifold analyses, observations and sociological researches of experiences and process of implementation of youth policy and youth problems, and there are revealed multitude problem with institutional, behavioral and intellectual character. Elaborated the technology (model) of systematic and sustainable development of youth policy in conditions of democratization in the Republic of Tajikistan with the principle of co–operations political power, civil society and private sector and in framework of the basic priorities of state policy for youth, including the system of institutionalization, and theoretical and conceptual implementation (development) of state policy for youth with the horizontal and vertical structures (ways), the mechanism of development of youth policy in context of implementation of ideological peculiarities of the state, the conception of youth participation in political life of society and the model of youth parliamentarism.

## Масъалаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои зерини муаллиф инъикос гардидаанд:

**<u>Монографияҳо</u>**:

1. Миралиев Қ. Амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими иқтидори ҳаракатҳои ҷавонони Тоҷикистон дар шароити ҷомеаи муосир // Душанбе: Рафиграф, 2006. – 186 с. (бо забони русӣ) (11,6 ҷ.ч.);
2. Миралиев Қ. Рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон дар асри XXI // Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 225 с. (14 ҷ.ч.);
3. Миралиев Қ. Ҷавонон ва 20 соли Истиқлолият // Душанбе: САМТ, 2012. – 272 с. (17 ҷ.ч.);
4. Миралиев Қ. А. Нақши усулҳои интерактивии таълим дар ташаккулёбӣ ва рушди ҳаёти иҷтимоии ҷавонон // Душанбе: Хадамот, 2012. – 66 с. (4.1 ҷ.ч.);
5. Миралиев Қ. А. Қадамҳои нав дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон // Душанбе: Басанта, 2014. – 112 с. (7 ҷ.ч.);
6. Миралиён Қ. Ташаккулёбии сиёсати ҷавонон ва ҷанбаҳои идеологии он // Олмон: LAPLAMBERT Academic Publishing, 2015. – 89 с. (бо забони русӣ) (5,6 ҷ.ч.);
7. Миралиён Қ. А. Сиёсати ҷавонон (Дар мисоли Тоҷикистон) // Душанбе: Адабиёти бачагона, 2016. – 574 с. (бо забони русӣ) (36,8 ҷ.ч.).

**<u>Маводи таълимӣ:</u>**

1. Миралиён Қ. А. Роҳнамо: Идеологияи миллӣ ва ҷавонон: аз ҷониби Шӯрои илмӣ–методии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.02.с.2016, №4 барои нашр тавсия шудааст // Душанбе: Адабиёти бачагона, 2016. – 165 с. (10,3 ҷ.ч.);
2. Миралиён Қ. А., Абилова Г. С. Сотсиологияи идоракунӣ: аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.01.с.2017, №1/11 барои нашр тавсия шудааст // Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017. – 432 с. (дар ҳаммуалифӣ: саҳми муаллиф 20 ҷ.ч.) (27 ҷ.ч.).

**<u>Маводи методӣ ва иттилоотӣ-амалӣ:</u>**

1. Миралиев Қ., Шарифов М. Сиёсати давлатии ҷавонон: Бюллетен №2. // Душанбе: 2003. – 27 с. (дар ҳаммуалифӣ: саҳми муаллиф 1,1 ҷ.ч.);
2. Миралиев Қ. А. Омори сиёсати давлатии ҷавонон: Бюллетен №1–2005. // Душанбе: САМТ, 2006. – 80 с. (5 ҷ.ч.);
3. Миралиев Қ. А., Қурбонов Д. М. Вазъи иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон // Душанбе: Хадамот, 2006. – 59 с. (дар ҳаммуалифӣ: саҳми муаллиф 4,1 ҷ.ч.);
4. Миралиев Қ. А. Дастур барои ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонони Тоҷикистон барои амалисозии лоиҳаҳо (грантҳо) дар доираи

барномаҳои давлатӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон // Душанбе: Хадамот, 2008. – 44 с. (2,7 ҷ.ч.);

5. Миралиев Қ. Амалисозии сиёсати иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон – №01–09 (2009). / №2–10 (2010). / №3–11 (2011). / №4–12 (2012). // Душанбе: 2009–2012. – 35 с. / 64с. / 50 с./ 108 с. (16 ҷ.ч.);

6. Миралиев Қ. А. Ҳамоҳангсозӣ ва рушди фаъолияти сохторҳои кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ // Душанбе: 2009 – 34 с. (2,1 ҷ.ч.);

7. Миралиев Қ. А. Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2013 // Душанбе: 2011. – 69 с. (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) (4,3 ҷ.ч.);

8. Ҷӯраев К. К., Миралиев Қ. А. Маҷмӯаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон // Душанбе: 2011. – 146 с. (дар ҳаммуалифӣ: саҳми муаллиф 6,1 ҷ.ч.);

9. Миралиев Қ. Ташаккулдиҳӣ ва рушди фаъолияти марказҳои ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Душанбе: САМТ, 2012. – 90 с. (5,6 ҷ.ч.);

10. Миралиев Қ. А. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2015 // Душанбе: САМТ, 2012. – 60 с. (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) (3,7 ҷ.ч.);

11. Миралиев Қ. А. Ҷанбаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2015 // Душанбе: САМТ, 2013. – 140 с. (8,7 ҷ.ч.);

12. Миралиев Қ. А. Лаёқати ҷавонон // Душанбе: Тараққиёт, 2013. – 50 с. (3,1 ҷ.ч.);

13. Миралиев Қ. А. Президент ва ҷавонон // Душанбе: Тараққиёт, 2013. – 55 с. (3,4 ҷ.ч.).

**Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсия шудаанд:**

1. Миралиев Қ. А. Дар бораи баъзе масъалаҳои тарбияи ватанпарастии ҷавонон // Ахбори Донишгоҳи омӯзгорӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2002. – №4. – С. 46–49 (0,4 ҷ.ч.);

2. Миралиев Қ. А. Иштироки ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Сино». – Душанбе: 2007. –№2. (34) – С. 249–253 (бо забони русӣ) (0,3 ҷ.ч.);

3. Миралиев Қ. А. Нақши ташаббусҳои ҷавонон ва пешгирии ВИЧ/СПИД дар Тоҷикистон // Журнали «Тандурустии Тоҷикистон»: Маводи конференсияи илмӣ-амалии минтақавӣ оид ба масъалаҳои ВИЧ/СПИД дар кишварҳои ИДМ. – Душанбе, 2011. – №4. – С. 42–45 (бо забони русӣ) (0,4 ҷ.ч.);

4. Миралиев Қ. А. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди сиёсати ҷавонон // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Сино». – Душанбе, 2014. – №3/3(316). – С. 195–200 (бо забони русӣ) (0,6 ҷ.ч.);

5. Миралиён Қ. А. Муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон: мушкилот ва дурнамо // Маҷаллаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши илмҳои ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2015. – №1 (237) 2015. – С. 97–103 (бо забони русӣ) (0,7 ҷ.ч.);

6. Миралиён Қ. А. Такмили низоми таҳсилот дар робита ба рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон // Вестник Российско–Таджикского (славянского) университета. – Душанбе, 2015. – №2 (49) 2015. – С. 181–186 (бо забони русӣ) (0,6 ҷ.ч.);

7. Миралиён Қ. А. Афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир». – Душанбе, 2015. – №3 (46) 2015. – С. 54–62 (бо забони русӣ) (1 ҷ.ч.);

8. Миралиён Қ. А. Заминаҳои амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷаҳони муосир // Ахбори ДДҲБСТ. – Душанбе, 2015. – №3 (3) 2015. – С. 182–188 (бо забони русӣ) (0,7 ҷ.ч.);

9. Миралиён Қ. А. Баъзе роҳҳои такмили тарғиботи идеологияи давлатӣ дар байни ҷавонон // Маҷаллаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши илмҳои ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2015. – №3 (239) 2015. – С. 103–112 (1,1 ҷ.ч.);

10. Миралиён Қ. А. Баъзе масъалаҳои ҷавонон дар ҷаҳони муосир // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Сино». – Душанбе, 2015. – №3/11 (188). – С. 109–113 (бо забони русӣ) (0,5 ҷ.ч.);

11. Миралиён Қ. А. Пайдоиши сиёсати ҷавонон дар сатҳи байналмилалӣ // Вестник Российско–Таджикского (славянского) университета. – Душанбе, 2015. – №3 (50) 2015. – С. 188–194 (бо забони русӣ) (0,7 ҷ.ч.);

12. Миралиён Қ. А. Ташаккулёбии сиёсати ҷавонон дар минтақа ва баъзе мамлакатҳои ҷаҳон // Вестник «Черние дири» в Российском законодателстве». – М., 2015. – №6, 2015. – С. 21–27 (бо забони русӣ) (0,7 ҷ.ч.);

13. Миралиён Қ. А. Марказҳои ҷавонон дар Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо // Ахбори «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир». – Душанбе, 2015. – №7 (50) 2015. – С. 135–144 (1,1 ҷ.ч.);

14. Миралиён Қ. А. Масъалаҳои ташаккулёбии илмии сиёсати ҷавонон // Вестник «Черние дири» в Российском законодател.стве». – М., 2016. – №1, 2016. – С. 114–117 (бо забони русӣ) (0,4 ҷ.ч.);

15. Миралиён Қ. А. Ташаккулёбии ҳуқуқии ҷавонон дар робита ба пешгирии сатҳи омилҳои номатлуб дар байни онҳо дар доираи амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон (дар мисоли Тоҷикистон) // Евразийский юридический журнал. – Москва, 2016. – №3 (94). – С. 101 – 104 (бо забони русӣ) (0,4 ҷ.ч.);

16. Муртазақулов Д. С., Миралиён Қ. А. Ҷанбаҳои сиёсии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо // Евразийский юридический журнал. – №5 (96). – М.: 2016. – С. 360–366 (бо забони русӣ) (дар ҳаммуаллифӣ: саҳми муаллиф 0,4 ҷ.ч.);

17. Миралиён Қ. А. Масъалаҳои фарҳанг ва фароғати ҷавонон дар робита ба рушди сиёсати давлатии ҷавонон // Маҷаллаи Ниҳоди фалса-

фа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинова Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №2. – С. 92 – 99 (бо забони русӣ) (0,9 ҷ.ч.);

18. Миралиён Қ. А. Механизми амалисозии заминаҳои қонунгузорӣ ва меъёрии сиёсати ҷавонон: ҳолат ва методология // Вестник «Черние дири» в Российском законодателстве». – М., 2016. – №4, 2016. – С. 10–14 (бо забони русӣ) (0,6 ҷ.ч.);

19. Муртазақулов Д. С., Миралиён Қ. А. Ҷанбаҳои сиёсии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо // Власт и закона. – №2 (26). – М.: 2016. – С. 156–165 (бо забони русӣ) (дар ҳаммуаллифӣ: саҳми муаллиф 1,1 ҷ.ч.);

20. Миралиён Қ. А. Асосҳои идеологии сиёсати давлатии ҷавонон: назария ва методология // Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Нашри илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. – Душанбе, 2016. – №2–4 (204).– С. 278–285 (бо забони русӣ) (0,8 ҷ.ч.);

21. Миралиён Қ. А. Ташаккулёбии парламентаризми ҷавонон дар кишварҳои ИДМ ва Россия: амалия, мушкилот ва дурнамо // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2016. – №3. – 2016. – С. 129–143 (бо забони русӣ) (1,5 ҷ.ч.);

22. Ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар давраи 25 соли Истиқлолияти давлатӣ // Ахбори «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир». – Душанбе, 2016. - №3 (53) 2016. - С. 81-87 (0,7 ҷ.ч.).

**<u>Мақолаҳои илмии дар маҷмӯаҳо ва дигар нашриёти илмӣ-амалии миллӣ ва байналмилалӣ нашргардида:</u>**

1. Миралиев Қ. А. Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Шӯрои олимони ҷавонони Тоҷикистон «Ҷавонон ва ҷаҳони андеша». – Душанбе, 2003. –№5. – С. 36–38 (0,7 ҷ.ч.);

2. Миралиев Қ. А. Ташаккулёбии сиёсати байнисоҳавӣ ва усулҳои стратегӣ дар соҳаи рушди саломатии ҷавонон // Журнали «Модар». – Душанбе, 2005. – №1,2. – С. 16–18 (бо забони русӣ) (0,3 ҷ.ч.);

3. Миралиев Қ. А. Проблемаҳои манзилии ҷавонон, нақш ва усулҳои ҳалли онҳо // Ахбори Шӯрои олимони ҷавонони Тоҷикистон «Ҷавонон ва ҷаҳони андеша» – Душанбе, 2005. – №7. – С. 10–15 (0,6 ҷ.ч.)

4. Миралиев Қ. А. Соҳибкории ҷавонон асоси рушди имкониятҳои иқтисодии мамлакат // Ахбори Шӯрои олимони ҷавонони Тоҷикистон «Ҷавонон ва ҷаҳони андеша». –Душанбе, 2009. – №3. – С. 76–82 (0,7 ҷ.ч.);

5. Миралиев Қ. А. Оид ба моҳияти иқтисодии сиёсати давлатии ҷавонон // Ахбори Шӯрои олимони ҷавонони Тоҷикистон «Ҷавонон ва ҷаҳони андеша». – Душанбе, 2010. – С. 3–12 (бо забони русӣ) (0,7 ҷ.ч.);

6. Миралиев Қ. А. Амалисозии стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи рушди саломатии ҷавонони деҳот // Ахбори Шӯрои олимони ҷавонони Тоҷикистон «Ҷавонон ва ҷаҳони андеша». – Душанбе, 2011. – С. 44–50 (0,7 ҷ.ч.);

7. Миралиев Қ. А. Ислоҳот ва рушди имкониятҳои идории мақомоти худидоракунӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити ҷомеаи муосир: Маводи Конференсияи III илмӣ-амалии байналмилаии Душанбегӣ, Душанбе, 10–11 ноябри с.2011 // Ахбори Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С. 64–66 (0,2 ҷ.ч.);

8. Миралиён Қ. А. Баъзе назарияҳои сиёсати давлатии ҷавонон: Маводи Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Технологияҳои инноватсионӣ дар илм ва маориф» // Маркази ҳамкориҳои илмии «Интерактив плюс». – Чебоксар, 2015. – №3 (3). – С. 24–30 (бо забони русӣ) (0,7 ҷ.ч.);

9. Миралиён Қ. А. Масъалаҳои амалҳои мутақобилаи мақомоти давлатӣ бо бахши хусусӣ дар робита ба сиёсати ҷавонон ва рушди иқтисодии ҷавонон: Маводи Конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Ҳамкории мақомоти давлатӣ бо сохторҳои соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон» — 16 октябри с.2015. // Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. — Душанбе: Шарқи озод, 2015. – №4 (28) 2015. – С. 43–56 (бо забони русӣ) (0,9 ҷ.ч.).

10. Миралиён Қ. А. Марказҳои ҷавонон дар Тоҷикистон // Ахбори Шӯрои олимони ҷавонони Тоҷикистон «Ҷавонон ва ҷаҳони андеша». – Душанбе, 2015. – №2. – С. 15–22 (0,9 ҷ.ч.);

11. Миралиён Қ. А. Идеологияи миллӣ ва нақши он дар таҳкими заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ–фарҳангии идоракунӣ дар Тоҷикистон. // Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2015. – №5 (29). – С. 13–21 (1 ҷ.ч.).

12. Миралиён Қ. А. Нақши ҷавонон дар таҳкими муносибатҳои идорӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ // Ҷавонон пайравони Пешвои миллат: маҷмӯи мақолаҳо: васфи дастовардҳо бахшида ба «Соли ҷавонон». – Душанбе, 2017. - С. 71-90 (1,2 ҷ.ч.);

13. Миралиён Қ. А. Парламентаризми ҷавонон дар мамлакатҳои ИДМ: амалия, мушкилот ва дурнамо // Диалог: политика, право, экономика. Санкт–Петербург, 2018. – №1(8) – 2018 - С. 10-21 (бо забони русӣ) (0,7 ҷ.ч.).

Замима

**Масъалаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар соҳаи амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ гардидаанд**

1) Консепсияи Тавсияҳо оид ба таъсис, танзим ва рушди парламенти ҷавонон дар давлатҳои иштирокчии ИДМ (бо қарори Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ аз 27.03.с.2017, №7 тасдиқ шудааст);

2) Китоби дарсӣ: Сотсиологияи идоракунӣ (аз қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.01.с.2017, №1/11 барои нашр тавсия дода шудааст);

3) Маводи таълимӣ «Роҳнамо: Идеологияи миллӣ ва ҷавонон» (бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.02.с.2016, №4 барои нашр тавсия дода шудааст);

4) Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.11.с.2012, №620), ҳамчунин ҳамин Барнома барои солҳои 2016–2018 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.01.с.2016, №4);

5) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятии волонтёрӣ» (аз 25.12.с.2015, №1268);

6) Низомномаи Шӯрои миллии кор бо ҷавонон назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз с.18.07.2015, №526);

7) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оида ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.06.с.2006, №228 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 2.12..с2014, №760);

8) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (аз 27.11.с.2014, №1161);

9) Пешниҳод «Дар бораи самтҳои афзалиятнок ва намудҳои асосии фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармоиши раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.с.2014, №139);

10) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.с.1998, №301 «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи ҷоизаҳои ба

номи Исмоили Сомонӣ барои корҳои шоиста дар соҳаи илму техника» (аз 3.06.с.2013, №260);

11) Механизми татбиқи босамари Барномаи омӯзишӣ аз рӯйи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» (қарори Шӯрои Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон аз 5.06.с.2013, №13–03);

12) Модели рушди марказҳои ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармоиши раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.01.с.2012, №02);

13) Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ду давра: барои солҳои 2006–2010 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.с.2006, №107) ва барои солҳои 2011–2013 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.с.2010, №561).

Ба чоп ворид гардид 09.05.2018 г.
Имзо шуд 10.05.с.2018. Формат 60х84 1/16.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи адабиётӣ.
Чоп офсетӣ. ҷ/ч. 5. Нусха 100 ад. Фармоиш №19
Чоп шуд дар матбааи ҶДММ «Нигор»